16 НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 136 - 137 (4719 - 4720) | ЧОРШАНБЕ, 15 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад


## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД



**Субҳи 14-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи иқтисодию иҷтимоии вилоят, ифтитоҳи як қатор иншооти соҳаҳои гуногун ва суҳбату мулоқот бо сокинон бо сафари корӣ ба вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва дигар масъулон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Моҳи ноябри соли 1992 дар давраи мураккаби ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, дар лаҳзаҳое, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба бақои давлату миллат таҳдид мекард, дар Қасри «Арбоб» Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон баргузор гардида, бо иродаи кулли вакилони Шӯрои Олӣ сиёсатмадори оқилу ҷавон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Маҳз хираду ҷасорату қарорҳои оқилонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар иҷлосияи таърихӣ қабулнамуда ба сулҳи тоҷикон оғоз бахшида, давлату миллат пойдор боқӣ монд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои он ва амалу иқдомҳои ҷасуронаю дурбинонаи фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарору таҳкими давлатдории навину истиқлолияти воқеии Тоҷикистон, якпорчагии давлати ҷавони тоҷикон, истиқрори сулҳу таъмини ваҳдати миллӣ дар сарзамини бостонӣ, амалӣ гардидани ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол асос гузошт.

Истиқболи гарму самимӣ ва пуршукӯҳи намояндагони сершумори аҳли ҷомеа - олимону зиёиён, занону ҷавонон бо барномаи пуршукӯҳи фарҳангӣ ва дар фазои фараҳмандию шодӣ, ифтихору шукрона аз давлати соҳибистиқлол таҷассуми садоқат, эҳдои меҳру муҳаббати бепоёни сокинони вилояти Суғд ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Имрӯз, сиёсати оқилонаюояндабинонаи наҷотбахшу сарсупурдаи миллат, меъмори сулҳу ваҳдат, сиёсатмадори хирадманд аст, ки имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол сулҳу субот пойдор ва халқи Тоҷикистон бо иқдому амалҳои созанда барои рушду пешрафти минбаъда қадамҳои устувор мегузоранд.

**14-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Бобоҷон Ғафуров - шаҳраки Ғафуров дар вазъияти тантанавӣ майдони Парчами давлатӣ ва Нишони давлатиро ифтитоҳ карданд.**

Майдони Парчами давлатӣ ва Нишони давлатӣ дар мавзеи марказии шаҳраки Ғафуров дар масоҳати 1,2 гектар дар асоси лоиҳаи ҷолиб ҳамчун нишони эҳтирому арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ бунёд шудааст.

Бо садо додани Суруди Миллӣ Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барафрохта шуд. Пояи Парчами давлатӣ бо баландии 54 метр сохта шуда, дарозии матои он 14 метр ва паҳноиаш 7 метр мебошад.

Сипас, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман ифтитоҳ бахшиданд. Баландии сутунпояи он 27 метр ва қутраш 2,4 метрро ташкил медиҳад.

Майдони назди пояи Парчами давлатӣ ва Нишони давлатӣ бо тахтасангҳо аз санги хоро ороиш дода шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтирому қадршиносӣ ба пояи Парчами давлатӣ ва Нишони давлатӣ гулчанбар гузоштанд.

Парчами давлатӣ ва Нишони давлатӣ рамзҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Муқаддасоти миллӣ - мояи ифтихору сарбаландӣ ва шарафмандии шаҳрвандони кишвари соҳибистиқлол буда, ин рамзҳои давлатӣ ҳамаро ба дӯст доштани Ватан, ҳифзи истиқлолияти миллӣ, ифтихори миллӣ, садоқат ба тамаддуну фарҳанги қадима, корҳои созандагӣ барои рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳидоят мекунад.

**14-уми ноябри соли ҷорӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯи муҷассамаи академик Бобоҷон Ғафуров парда бардоштанд.**

Муҷассамаи Қаҳрамони Тоҷикистон, ки дар саҳни Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров қомат афрохтааст, аз масолеҳи хушсифат бо санъати баланд сохта шудааст. Таҳпояи муҷассама 2,6 метр буда, баландии он 4,2 метрро ташкил медиҳад. Дар тарафи чапи муҷассама шоҳасари мондагор - «Тоҷикон» ҷой дода шудааст, ки бешубҳа, аз муҳимияту арзиши гарони ин офарида башорат медиҳад. Барои зебу зинат додани таҳпояи муҷассама сангҳои ороишии баландсифат бо истифода аз услуби хоси меъморӣ истифода гардидааст.

Академик Бобоҷон Ғафуров Қаҳрамони Тоҷикистон, Арбоби сиёсию давлатӣ, муаррихи барҷаста, шарқшиноси машҳури тоҷик, доктори илми таърих, профессор, Ходими хизматнишондодаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ яке аз бунёдгузорони илми муосири тоҷик дониста мешавад ва бо таҳқиқоти мондагори худ, коркарди консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, бешак, асосгузори мактаби нави таърихшиносии тоҷик маҳсуб меёбад ва қомат афрохтани муҷассамаи ӯ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров намунаи олии қадршиносии ин фарзанди фарзонаи миллат ва туҳфаи арзандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дониста мешавад.

Майдони назди пайкара бо санъати баланди меъморӣ оро ёфта, дар он ҷо ду фаввораи зебо низ бунёд гардидааст. Аз ду тарафи муҷассама рамзи китобӣ ҷойгир буда, дар яке аз онҳо суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзиши гарони илмии шоҳасари «Тоҷикон» ҷой дода шудааст ва рамзи дигар асари мондагори Бобоҷон Ғафуров - «Тоҷикон»-ро, ки аҳамияти бузурги таърихӣ дошта, натиҷаи заҳмати чандсолаи академик аст, таҷассум намудааст.

Ҳамчунин, дар ҳудуди иншооти мазкур бо завқу салиқаи баланд корҳои ободонию кабудизоркунӣ ва шинонидани гулу буттаҳои ороишӣ анҷом дода шудааст, ки ифтитоҳи он ба ҳусни маркази ноҳия зебоии дигар зам менамояд.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**Бишуд чун ҳоли кишвар танг, бо рӯи кушод омад,**
**Барои родмардиро намудан марди род омад,**
**Зи хуршеди нигоҳаш абри навмедӣ ба бод омад,**
**Зи сомон ҷустанаш сомони Сомонӣ ба ёд омад.**

**Ҷавон буду вале тадбири пирони ҷаҳонаш буд,**
**Ғами таъриху дарди рӯз андар мағзи ҷонаш буд,**
**Басо гирдоби қисмат хуфта дар ашки ниҳонаш буд.**
**Ва рӯди обрӯи халқ дар азми аёнаш буд.**

**Ҷавонмардона бар по хест ӯву азми майдон кард,**
**Алайҳи нохудогоҳии халқи хеш исён кард,**
**Сипар худро барои ҷисму ҷони Тоҷикистон кард,**
**Гузашт аз тирборону Ватанро меҳрборон кард.**

**Зи халқ афшонда нохудогаҳиву бенишониро,**
**Тавоно кард расми ҳамдиливу ҳамзабониро,**
**Замон бахшид ин халқи заминиву замониро,**
**Накӯ бинмуд бар халқаш нигоҳи зиндагониро.**

**Чу шуд дар роҳи азми беназираш ҳамназар бо ӯ,**
**Зи нав гардид соҳиббол халқи муштипар бо ӯ,**
**Ба нангу номи худ афзуду шуд бисёртар бо ӯ,**
**На танҳо халқу мулке, худ ҷаҳоне шуд дигар бо ӯ.**

**Зи худафрӯзиаш афрӯхт аз нав ахтари тоҷик,**
**Бишуд бо халқи худ болиданаш болу пари тоҷик,**
**Бурун овард аз некӯ садафҳо гавҳари тоҷик,**
**Зи нав бигзошт ӯ тоҷи каёнӣ бар сари тоҷик.**

**Дигар иқболи мардумро нигар, иқболи ӯро бин,**
**Ба ҳар сӯе биёрад рӯй, истиқболи ӯро бин,**
**Накӯ омоли ӯро бину некӯ фоли ӯро бин,**
**Яқин ворастагии мулк – Истиқлоли ӯро бин!**

**Дигар ӯ нест ӯ, симои халқи Тоҷикистон аст,**
**Ба дунё ҷилвагар дунёи халқи Тоҷикистон аст,**
**Аз ӯ минбарбаланд овои халқи Тоҷикистон аст,**
**Умеди рӯшанаш фардои халқи Тоҷикистон аст!**

**Низом ҚОСИМ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**



## НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**13-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти якуми Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Нурсултон Назарбоев номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«**Муҳтарам Нурсултон Абишевич!**

Дар робита ба даргузашти бармаҳали бародаратон Булат Назарбоев таъзияю тасаллияти амиқи моро қабул фармоед.

Дар ин лаҳзаҳои барои Шумо ғамангез ба Шумо ва пайвандонатон ҳамдардӣ ва дастгирии инҷонибро иброз менамоям. Бо изҳори ғамшарикӣ дар ин талафоти гарон ба Шумо ва ҳамаи аъзои оилаатон сабри ҷамил ва шикебоӣ хоҳонам».

**www.prezident.tj**

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ҚОНУН ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИРО БАРОИ СОЛИ 2024 ҚАБУЛ КАРД

**Понздаҳуми ноябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 60 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор, вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқизода Завқӣ Амин, раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарахон



Чиллазода, раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим, муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Хуршед Файзуллозода, сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Хуршед Абдураҳмон, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Дилмурод Ашурбек, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод, муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Шараф, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир, муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Суҳроб Сафарзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа шаш масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2026**

**2. Дар бораи лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2025-2026»**

**3. Дар бораи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26- уми майи соли 1995.**

**(Идомаи гузориш аз ҷараёни ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар шумораиояндаи рӯзнома нашр мешавад).**

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1)

**14-уми ноябри соли 2023 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуровро пас аз таъмиру навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо фаъолияти он ошно гардиданд.**



Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки осорхонаи ҷумҳуриявӣ маркази бузурги илмию фарҳангӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ-маънавӣ ва таблиғотӣ-ташвиқотӣ буда, он аз 18 гӯшаи алоҳида иборат мебошад. Дар осорхона нигораҳо аз рӯи хусусияти хронологӣ ҷойгир шуда, кору зиндагӣ, фаъолияти пурсамар дар бахшҳои гуногун, дастовардҳои илмӣ, офаридаҳои гаронарзиш ва мукофоту туҳфаҳои академик Бобоҷон Ғафуров ҷой дода шудааст.

Дар осорхона гӯшаҳое чун «Даврони наврасӣ, таҳсил ва ташаккули Бобоҷон Ғафуров», «Оғози фаъолияти меҳнатӣ: Бобоҷон Ғафуров корманди комсомол ва рӯзноманигор», «Мероси мактуб: мукотиботи Бобоҷон Ғафуров» ва дигар бахшҳо ҷойгир аст. Ҳамчунин, як гӯшаи осорхона ба китоби «Тоҷикон» бахшида шудааст. Дар ин гӯша, асосан намунаи асбобу олоти гуногуни қадима, намунаи ашё ва ҳунарҳои мардумӣ, деворнигораҳои Панҷакенти қадимӣ, ки дар китоби «Тоҷикон» бо таҳқиқи дақиқи академик ҳамчун далели раднопазири таърихи куҳани миллати тоҷик дарҷ ёфтаанд, ҷой дода шудааст.

Зимни боздид иброз гардид, ки гӯшаи «Аллома Бобоҷон Ғафуров ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон» оид ба қадршиносии ин фарзанди фарзонаи миллат аз ҷониби Сарвари давлат ва дигар иқдому ташаббусҳои муҳиме, ки барои зиндаю ҷовид мондани номи академик анҷом дода шудааст, маълумот медиҳад.

Дар маҷмӯъ, осорхона аз се бахш - «Маркази илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҷамъоварӣ ва мероси таълифнамудаи академик Бобоҷон Ғафуров», «Таблиғоти мероси академик» ва «Китобхонаи электронӣ» иборат мебошад.

Дар Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров сарулибос, мизу курсии корӣ, расмҳои гуногун аз фаъолияту рӯзгори академик низ ҷойгир буда, дар баробари ин нусхаи мукофоту ҷоизаҳои ӯ дар гӯшаҳои алоҳида гузошта шудаанд. Пас аз навсозию таъмир ифтитоҳ гардидани иншооти мазкур ба тарғибу ташвиқи мероси таърихию фарҳангӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ намудани нигораҳои ҷамъовардашуда ва рушди таҳқиқу омӯзиши бештари рӯзгори академик Бобоҷон Ғафуров мусоидат хоҳад кард.



Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд навсозӣ гардид.

Пас аз шиносоӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби меҳмонони фахрии Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров соядаст гузоштанд.

Зимни боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, барои фаъолияти босамар, ҷалби мардум ба осорхона, хусусан, ҷалби таваҷҷуҳи наврасону ҷавонон ба ин макони фарҳангӣ ба хотири тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ба масъулин дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

**14-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи аввали «Лоиҳаи барқарорсозӣ ва сохтмони шабакаҳои оби нӯшокии деҳоти «Зарзамин» -и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров»- ро мавриди истифода қарор доданд.**

Бо пурра татбиқ шудани лоиҳаи мазкур, ки ду марҳиларо дар бар мегирад, зиёда аз 14 ҳазор сокини деҳоти «Зарзамин» бо оби ошомиданӣ таъмин хоҳанд шуд.

Дар марҳилаи аввал, ки дар доираи татбиқи ташаббуси байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, 7 ҳазор нафар аҳолии деҳоти «Зарзамин» ва дигар иншооти ҳаётан муҳим бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин шуданд.

Об аз ду чоҳи амудӣ аз умқи 150 метр тариқи насосҳои махсус бароварда шуда, ба минтақаҳои аҳолинишин тавассути қубурҳои махсуси обгузаронӣ то масофаи беш аз ду ҳазор метр оварда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳу сифати корҳои анҷомёфта изҳори қаноатмандӣ карда, ба масъулон ҷиҳати дар марҳилаи дуюм низ босифат анҷом додани корҳои сохтмонӣ ва ҳар чӣ зудтар таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ дастуру маслиҳат доданд.

Мутобиқи маълумот, дар марҳилаи дуюми лоиҳа бо насби ду насоси иловагии обкаш ва кандани ду обанбори ғунҷоишашон 500 метри кубӣ боз 7 ҳазор нафар сокини деҳоти «Зарзамин» бо оби ошомидании босифат таъмин мешаванд.

Амалишавии марҳилаи аввали «Лоиҳаи барқарорсозӣ ва сохтмони шабакаҳои оби нӯшокии деҳоти «Зарзамин»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров» дар рӯзҳои таҷлил аз 31 - умин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон туҳфаи арзишманди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сокинон маънидод гардид.

**14-уми ноябри соли ҷорӣ дар ҷараёни сафари корӣ ба вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Хистеварз»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бинои иловагии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 40-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Муассиса соли 1967 барои таҳсили 320 хонанда бунёд гардида, он дорои 16 синфхона, ошхона, толори варзишӣ, майдончаи варзишӣ, кабинетҳои таълимии муҷаҳҳаз бо технологияи иттилоотӣ ва лингафонӣ мебошад.

Солҳои охир дар атрофи муассиса маҳаллаҳои нави аҳолинишин бунёд шуда, боиси зиёд гардидани шумораи хонандагони муассиса гаштааст. Бо назардошти ин сокинони маҳаллаҳои навбунёд бо дастгирии гурӯҳи соҳибкорон ба сохтмони бинои таълимии иловагӣ ба таври дастаҷамъӣ оғоз бахшиданд.

Бинои иловагии нав дорои 8 синфхона барои таҳсили 480 хонанда дар ду баст мебошад. Дар ошёнаи якум кабинетҳои фаннии ҷуғрофия, табиатшиносӣ, забони русӣ, технологияи иттилоотӣ, дар ошёнаи дуюм кабинетҳои фаннии риёзӣ, забон ва адабиёти тоҷик, таърих, забони англисӣ мавҷуданд.

Дар муассиса 824 хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, бо бунёди бинои иловагӣ шароиту имконияти беҳтари таълиму тарбияи фарзандон фароҳам гардида, 56 омӯзгор ба таълиму тарбияи хонандагон машғуланд.

Синфхонаҳо бо мизу курсиҳои нави замонавӣ, таҷҳизоти таълимӣ, аз ҷумла тахтаи электронӣ, проектор ва компютерҳо, муҷаҳҳаз мебошанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо омӯзгорону хонандагони муассиса ба масъулони соҳаи маориф дар бобати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, амиқ омӯхтани фанҳои дақиқ маслиҳатҳои муфид ва дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**14-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи омодагиҳо ба таҷлили шоистаи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар деҳоти «Хистеварз»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Муассисаи таълимии давлатии «Литсейи рақами 1»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Муассисаи типи нав, ки дар доираи татбиқи сиёсати маорифпарваронаи роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон бо фармоиши Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бунёд шудааст, барои 2400 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, аз лиҳози меъморию сохтмонӣ ва фарогирии шумораи зиёди муҳассилин ба таълиму тарбия дар ҳудуди вилояти Суғд назир надорад.

Бунёди бинои муҳташами чорошёнаи Литсейи №1 дар «Хистеварз», ки аз калонтарин деҳоти ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба ҳисоб рафта, наздики 60 ҳазор аҳолӣ дорад, аз ҷумлаи тадбирҳои вобаста ба татбиқи ҳамаҷонибаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» маҳсуб меёбад. Дар ин муассиса равияи таълим асосан аз тариқи омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзӣ ба роҳ монда шуда, ин усули муосири илмомӯзӣ барои сайқал додани тафаккури техникии хонандагон мусоидат мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо имконияту шароити илмомӯзӣ дар иншооти тозабунёд ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ҳайати омӯзгоронро ҷиҳати талоши бештар ба харҷ додан ба сифати таълиму тарбия ва таҳкими ғояҳои худшиносию худогоҳии насли наврасу ҷавон ҳидоят намуданд.

Дар ин боргоҳи маърифат таълиму тарбияи хонандагон мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, аз тариқи озмун зиёда аз 80 омӯзгори соҳибтаҷриба ба кор ҷалб гардидаанд.

Бинои асосии муассиса дорои 48 синфхонаи муҷаҳҳази фаннӣ, озмоишгоҳҳои замонавӣ ва ҳуҷраҳои кории омӯзгорон буда, дар он ҳамаи синфхона ва озмоишгоҳҳо бо пешрафтатарин технология ва воситаҳои муосири илмомӯзӣ, ба монанди тахтаҳои электронӣ ва компютерҳо, муҷаҳҳаз шуда, ҷиҳати ҷалби густурдаи духтарону писарон ба касбомӯзӣ марказҳои ҳунаромӯзию маҳфилҳои эҷодӣ ташкил гардидааст.

Литсей дорои синфхонаи омодагии дифои ҳарбӣ, синфхонаи алоҳидаи омӯзиши шоҳмот, бунгоҳи тиббӣ, китобхона бо толори хониш, ошхонаи замонавӣ барои 200 нафар, толори зебои маҷлис бо 300 ҷойи нишаст ва толори васею барҳавои варзишӣ низ мебошад. Толори варзишӣ, ки барои машқу тамрини намудҳои гуногун пешбинӣ шудааст, дар тарғиби тарзи ҳаёти солим байни хонандагон ва омода намудани варзишгарони оянда нақши асосӣ хоҳад дошт.

Ҳамзамон, барои гузаронидани дарсҳои амалии омодагии дифои ҳарбӣ дар ҳудуди муассиса майдончаи замонавӣ сохта шудааст.

Тамоми биноҳои таълимгоҳ бо марказии гармидиҳии худмухтор, ки дар ҳудуди муассиса сохта шудааст, пайваст буда, гармии синфхонаҳо ва дигар иншооти муассиса дар айёми сардиҳо пурра таъмин карда мешавад.

Саҳн ва атрофи иншоот сабзкорӣ шуда, бо гулу буттаҳои мавсимии ороишӣ зинат ёфтааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамшуда аз хонандагони ин муассисаи таълимӣ даъват ба амал оварданд, ки дар замони пешрафту дигаргуниҳои куллӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла рушди бесобиқаи илму техника, пайваста пайи омӯзиш бошанд ва дар оянда ҳамчун кадрҳои баландихтисос дар ободию тараққиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзанда гузоранд.

**14-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Обшорони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бинои нави муассисаи томактабии №14 ба номи «Ситораҳои дурахшон»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Бино аз се ошёна иборат буда, дорои ҳуҷраҳои корӣ, машғулиятгузаронию истироҳатӣ мебошад ва барои таълиму тарбияи 200 кӯдак пешбинӣ шудааст.

Баробари ба истифода додани бинои нави муассиса фарогирии кӯдакони то синни мактабӣ дар ин боргоҳи таълиму тарбия ба маротиб зиёд гардида, дар маҷмӯъ 460 нафарро ташкил медиҳад.

Бо назардошти зиёд шудани аҳолӣ ва афзоиш ёфтани талабот ба кӯдакистон дар ҳудуди деҳоти ба номи Дадобой Холматов бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва саҳми аҳолӣ сохтмони бинои иловагии кӯдакистон ба роҳ монда шуда, дар муҳлати кӯтоҳ бо тарҳу намои зебо ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир бунёд ёфтааст.

Бинои муассисаи томактабӣ барои тарбияи кӯдакон дар шаш гурӯҳ пешбинӣ гардида, аз синфхонаи машғулият, ҳуҷраҳои хобу истироҳат, дастшӯӣ, ошхона, толорҳои мусиқӣ, варзиш ва нуқтаи тиббӣ иборат буда, дорои системаи худии гармидиҳӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки дар давраи зимистон низ раванди таълиму тарбия дар сатҳи зарурӣ бо истифода аз шароити мусоиди фароҳамгардида ба роҳ монда шавад.

Муассиса мутобиқ ба талабот ва меъёрҳои соҳа бунёд ёфта, ҳар як гурӯҳ бо навтарин аёнияти таълимӣ, мизу курсиҳо, телевизор ва дигар воситаҳои омӯзишию фароғатӣ таъмин мебошад.

Таълиму тарбия дар кӯдакистон бо ҷалби мутахассисони соҳибкасб бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда мешавад. Дар рафти таълим усули фаъоли ҳамгиро васеъ истифода мегардад.

Баробари ба истифода додани бинои нави муассиса 15 нафар ба кор ҷалб шуда, шумораи кормандони ин муассисаи тарбиявӣ ба 45 нафар расид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ва суҳбати гарму самимӣ бо кӯдакону мураббиён изҳор доштанд, ки зинаи нахустини таълиму тарбия ва ба камол расонидани фарзандон маҳз аз кӯдакистон оғоз меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ба масъулин барои сохтмону бунёди чунин муассисаҳои хуштарҳу замонавӣ дар тамоми деҳоти мамлакат дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**14-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд аз сардхонаҳои Боғи миллии «Ваҳдат» боздид намуданд.**

Дар он ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маданияти истифодаи имконияти сардхонаҳо шинос шуданд.

Боғи миллии «Ваҳдат» дар ихтиёри худ ду сардхонаи замонавӣ дорад, ки ғунҷоиши онҳо беш аз 1500 тонна маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Ҷиҳати таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба беҳтар намудани инфрасохтори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла сохтмони сардхонаҳои ҳозиразамон, коргарони Боғи миллии «Ваҳдат» корҳои муайянро ба анҷом расонидаанд.

Боғи миллии «Ваҳдат» соли 2008 таъсис ёфта, дорои 527 гектар замини боғу токзор мебошад, ки дар онҳо дарахтони меваҳои содиротӣ парвариш мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки сардхонаҳои боғи номбурда соли 2018 ва соли 2022 аз тарафи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шуд.

Ин ба коргарони имкон медиҳад, ки маҳсулоти истеҳсолшударо дар сардхона захира намуда, дар фаслҳои тирамоҳу зимистон бозорҳои дохилиро таъмин намоянд.

Аз рӯйи маълумоти оморӣ, дар шаҳру ноҳияҳои Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Бӯстон, Панҷакент, Истаравшан, Гулистон, Зафаробод, Спитамен, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулови вилояти Суғд 44 сардхона фаъолият дошта, ғунҷоиши онҳо аз 40 то 3000 тоннаро ташкил мекунад.

Барои истифодаи иқтидорҳои сардхонаҳо, захираи ҳар чӣ бештари маҳсулот ва мусоидат дар таъмини аҳолии вилоят бо маҳсулоти тару тоза аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар давраи тирамоҳу зимистон тадбирҳои муайян ба сомон расидааст.

Кишоварзони вилояти Суғд бо дастгирии пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва барои афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, ғанӣ гардонидани бозорҳои истеъмолӣ, бештар таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ, баланд бардоштани боздеҳи замин ва ҳосилнокии зироат, инчунин ба роҳ мондани истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои замин ва об ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд.

**14-уми ноябри соли равон дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзии сокинони вилоят дидан карда, бо вазъи соҳа ва дастовардҳои меҳнаткашон шинос шуданд.**

Дар намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус намоиши картошка, 14 шаҳру ноҳияи кишоварзии вилояти Суғд иштирок карданд. Дар намоиш аз ҷониби кишоварзони вилоят зиёда аз 10 навъи картошка, инчунин зиёда аз 30 намуд хӯрокаҳои аз картошка омодашуда пешниҳод гардид.

Ҳамзамон, дар намоишгоҳ аз ҷониби шаҳру ноҳияҳо бо тарҳи зебо маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили сабзавот, полезӣ, мевагӣ, хушкмеваҳо, бандубасти хушкмеваҳо ва афшураҳо, муаррифӣ шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар вилояти Суғд дар самти картошкапарварӣ барои зиёд намудани истеҳсол, афзун намудани иқтидори содиротӣ ва бо ин васила, танзим намудани нархи картошка дар бозорҳои дохилӣ дар мавсими имсола нисбат ба васеъ намудани масоҳати кишти он таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.

Тибқи маълумот, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар 25 712 гектар ва дар хоҷагиҳои кишоварзӣ 16 335 гектар кишти картошка гузаронида шуд, ки нисбат ба соли гузашта мутаносибан 1496 гектар ва 1026 гектар зиёд мебошад.

Кишти картошка дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 7 ҳазору 502 гектар, Панҷакент - 4 ҳазору 333, Истаравшан - 3 ҳазору 538, Кӯҳистони Мастчоҳ - 3 ҳазору 42, Шаҳристон 2 ҳазору 155, Айнӣ - 1 ҳазору 87 ва шаҳри Исфара 1 ҳазору 138 гектарро дар бар мегирад.

Дар вилоят вобаста ба ҷойгиршавии маҳал бештар навъҳои картошкаи «Пикассо», «Кардинал», «Тоҷикистон» ва даҳҳо дигар намуди он истифода мешавад, ки ҳосилнокии баланд дошта, ба касалӣ ва ҳашароти зараррасон тобовар мебошад.

Иттилоъ дода шуд, ки дар натиҷаи риояи қоидаҳои агротехникии парвариши картошка аз ҷониби хоҷагидорони вилояти Суғд то 1- уми ноябри соли 2023 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 534 ҳазору 190 тонна картошка истеҳсол шудааст, ки аз он дар хоҷагиҳои кишоварзӣ 447 ҳазору 260 тоннаро ташкил дода, нишондоди мазкур нисбат ба соли гузашта мутаносибан 38 ҳазору 649 тонна ва 33 ҳазору 954 тонна зиёд мебошад.

Истеҳсоли картошка нисбат ба соли пешин бештар аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 2 ҳазору 330 тонна, Истаравшан - 5 ҳазору 435, Кӯҳистони Мастчоҳ - 7 ҳазору 93, Панҷакент - 1 ҳазору 386, Шаҳристон - 3 ҳазору 442 ва Деваштич 32 ҳазору 17 тоннаро ташкил медиҳад.

Баробари ин ҳосилнокии картошка дар хоҷагиҳои кишоварзӣ аз 280 сентнерӣ ба беш аз 300 сентнерӣ расида, нисбат ба ҳисоби миёнаи вилоят аз 20 сентнер то 50 сентнерӣ зиёд мебошад.

Бо мақсади афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротӣ аз 30- юми апрели соли 2021 таҳти №169 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди содиротӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул гардид.

Зимни баргузории намоишгоҳ ва суҳбати самимӣ бо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишоварзони вилоят изҳор доштанд, ки бо истифода аз ҳамаи захираю имкониятҳои мавҷуда фаъолияташонро барои таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ, амалисозии сиёсати аграрии Ҳукумати мамлакат, татбиқи барномаҳои давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ ва барои амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона менамоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз шиносоӣ бо дастовардҳои меҳнатии сокинони меҳнатқарини вилояти Суғд ба ғайрату ҳиммати онҳо ҷиҳати татбиқи сиёсати созандаи Ҳукумати кишвар баҳои баланд дода, кишоварзонро ба истифодаи боз ҳам самараноки заминҳои кишт, афзун кардани иқтидори истеҳсолӣ, боло бурдани ҳаҷми содиротии мамлакат ва таъмини бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ ҳидоят намуданд.

**15-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон бинои истиқоматӣ барои кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ва хизматчиёни давлатиро мавриди истифода қарор доданд.**

Он аз ду ошёна иборат буда, дорои 14 ҳуҷра бо тамоми шароити зарурӣ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калиди хонаҳои истиқоматиро ба оилаҳои кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ва хизматчиёни давлатӣ супорида, онҳоро табрик намуданд.

Иншооти мазкур дар шаҳри Гулистон дар асоси дастури Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати кӯтоҳ бунёд гардид.

Бино дорои хонаҳои 1 ва 2 - ҳуҷрагӣ буда, корҳои сохтмонӣ дар он бо ҷалби 20 сохтмончии маҳаллӣ бо сифати баланд ба анҷом расид. Фармоишгари иншоот Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон мебошад.

Дар бинои нав 6 нафар аз соҳаи маориф, 4 табиб, 2 хизматчии давлатӣ, корманди соҳаи фарҳанг ва корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо манзили зист таъмин гардиданд.

Ҳуҷраҳои бино бо тамоми шароити зарурии рӯзгор ҷиҳозонида шудааст. Намои беруна ва дохили биноро бо санъати меъмории миллӣ оро додаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити зисту зиндагонӣ барои кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ва хизматчиёни давлатӣ дар иншоот соҳибони хуштолеи онҳоро ҷиҳати равона намудани малакаю кордонӣ дар самти ҳифзи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ ва тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ роҳнамоӣ карданд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

**15-уми ноябри соли 2023 дар идомаи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Хуҷанд ташриф оварда, нахуст бинои нави шуъбаи шаҳрии Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Суғдро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Ин бинои хуштарҳу замонавӣ ба хотири фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ, бо назардошти талаботи соҳа бунёд гардида, дар он барои фаъолияти босамар имконоти зарурӣ фароҳам шудааст. Аз ҷумла, бинои нав дорои ҳуҷраҳои барҳавои корӣ буда, бо мизу курсӣ ва дигар дастгоҳҳои зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад. Ҳамчунин, дар иншооти мазкур барои кормандони соҳа китобхонаи замонавӣ бо махзани бойи китобҳои бадеию соҳавӣ ташкил гардида, толори хониш бо имконияти зарурӣ таъмин аст.

Бинои нави шуъбаи шаҳрии Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Суғд дар маркази шаҳри Хуҷанд бо назардошти санъати муосири меъморӣ бунёд гардида, аз 7 ошёна иборат мебошад.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки дар бинои нав бо таваҷҷуҳ ба обутоби бадан толори алоҳидаи варзишӣ ташкил гардидааст, ки он бо дастгоҳҳои машқу тамрин муҷаҳҳаз мебошад. Ҳамчунин, иншоот дорои толори алоҳидаи маҷлисӣ, ошхона, ҳуҷраҳои замонавии машваратӣ буда, корҳои сохтмонии он бо сифати баланд анҷом дода шудааст.

Дар гирду атрофи иншоот корҳои ободонию сабзкорӣ анҷом ёфта, саҳни он пурра сафолакпӯш гардидааст.

Бунёду ба истифодадиҳии иншооти мазкур шароити имконоти хизматии кормандони Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Суғдро мувофиқу муносиб намуда, барои чунин таваҷҷуҳ ва дастгирии доимӣ онҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдорӣ карданд.

Роҳбари давлат зимни боздиду суҳбатҳои самимӣ таъкид доштанд, ки бо истифода аз чунин шароити мусоид кормандони ин ниҳод бояд барои ҳифзи суботу осоиштагии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳар чӣ бештар кӯшишу талош намоянд. Хусусан, кормандон дар вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон бояд ҳушёрию зиракӣ ва далерию чолокиро аз даст надиҳанд.

**15-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаи саноатии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва маҳсулоти оҳану бетонии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фаровон» ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тоҷсохтмон»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти навтаъсиси соҳаи саноат дар доираи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо навтарин хатти технологӣ бунёд гардида, иқтидори Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фаровон» дар як шабонарӯз истеҳсоли 250 метри мукааб бетон ва 260 метри мураббаъ плитаҳои оҳану бетонӣ ва ҶДММ «Тоҷсохтмон» бошад, имкони дар як шабонарӯз истеҳсол намудани 250 метри мукааб бетонро доро мебошад. Дар корхонаҳо дар маҷмӯъ, 60 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз раванди фаъолияти хатти истеҳсолӣ ва маҳсулоти тайёри корхонаҳо иқдоми соҳибкорони ватаниро ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муосири саноатӣ, коркарду тавлиди маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва таъмини сокинон бо ҷойҳои кори мувофиқ муҳим арзёбӣ карда, масъулонро барои истеҳсоли маҳсулоти босифати ҷавобгӯи талаботи бозор вазифадор намуданд.

Корҳои сохтмонӣ дар ҶДММ «Фаровон» моҳи феврали соли 2023 бо ҷалби 25 сокини маҳаллӣ оғоз гардид. Он дар муҳлати 9 моҳ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бо сифати баланд сохта шуда, қадами устуворест дар роҳи расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар.

Зимни муаррифӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки корхона дар марҳилаи аввал дар баробари истеҳсоли бетон, ҳамзамон 3 намуди маҳсулоти сохтмонӣ, аз ҷумла плитаҳои оҳану бетонӣ, сутунпояҳо ва ҳалқаҳо барои чоҳҳои амудӣ бо андозаҳои гуногунро ба роҳ мондааст ва дар оянда бо ворид ва насби хатти нави технологӣ истеҳсоли дигар намуди масолеҳи сохтмонӣ бо фарогирии ҷойҳои нави корӣ ташкил мешавад.

Тибқи маълумот, то имрӯз дар шаҳри Хуҷанд ҳамагӣ 3 корхонаи саноатӣ дар ин самт фаъолият мекард ва бо бунёду мавриди истифода қарор додани ду корхонаи нав шумораи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти оҳану бетонӣ ба 5 адад баробар гардид, ки нишондоди назарраси истеҳсолӣ дар солҳои охир ба ҳисоб меравад.



**15-уми ноябри соли ҷорӣ дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Хуҷанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Корхонаи коркарди шишаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шишакор»-ро ба истифода доданд.**

Корхонаи коркарди шиша дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи шоистаи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳадафҳои саноатикунонии босуръати кишвар аз тарафи соҳибкорон Умархӯҷа Бузруков ва Нуриддин Ҳусайнов бунёд шуд.

Иқтидори иншооти нави саноатӣ коркарди то 8 ҳазор метри мураббаъ шиша дар як моҳ мебошад. Дар сурати комилан фаъол кардани марҳилаҳои дигари корхона, имконияти коркарди то 27 ҳазор метри мураббаъ шишаи сохтмонӣ дар як моҳ фароҳам мегардад.

Айни замон дар корхона 20 нафар бо ҷойи кор таъмин шуданд ва бо ба истифода додани хатҳои дигари истеҳсолӣ, теъдоди коргарон ба 50 нафар расонида мешавад. Қисми зиёди амалиёти коркарди шиша ба таври худкор ба роҳ монда шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки ашёи хом аз хориҷ ворид шуда, мавриди коркард қарор дода мешавад. Тавассути технологияи рақамӣ шишаҳо дар ҳамин корхона ба дуҷилдаю сеҷилда ва чорҷилда табдил дода шуда, ба иқлими минтақа мутобиқ гардонида мешаванд. Дар корхона шишаҳои сохтмонии рӯйпӯшшудаи мултифунксионалӣ коркард шуда, ҷузъҳои мураттабу зебо бо шаклу андозаҳои гуногун истеҳсол мешавад.

Маҳсулоти ҶДММ «Шишакор» барои истифода дар қисматҳои ҳимоявии зинапояҳои замонавӣ, пештоқи иншоот, шишабандии қисмҳои берунии бино, бунёди биноҳои баландошёна бо усули шишабандӣ, гузоштани нақшу нигор дар рӯи шиша, оинабандии дохили биноҳо ва дигар таҷҳизоти маишӣ барои хонаҳои истиқоматию идорӣ пешбинӣ гардидааст.

Ба Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дастгоҳу таҷҳизоти ҶДММ «Шишакор» аз давлатҳои Италия, Россия ва Чин ворид шуда, технологияи навтарин дониста мешавад. Корхонаи мазкур бо иқтидор, сифати маҳсулоти истеҳсолӣ ва дастгоҳу таҷҳизоти муосири соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин ва дар Осиёи Миёна яке аз беҳтаринҳо мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид перомуни дастгириҳои давлатии бахши хусусӣ ба хотири саҳмгузории бештар ҷиҳати саноатикунонии босуръати кишвар ибрози андеша карда, ба фаъолияти иқтидори нави истеҳсолӣ баҳои баланд доданд ва ташаббуси созандагии соҳибкоронро дар самти пайгирии иқдомоти бунёдкоронаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот намунаи волои ватандӯстӣ арзёбӣ карданд.



**15-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи 12-уми шаҳри Хуҷанд Маркази тиббӣ байналмилалии «Мармед»-ро ба истифода доданд.**

Иншооти соҳаи тандурустӣ дар доираи омодагиҳо ба Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ сохта шуда, аз 6 ошёна, таҳхона ва 36 кати хоб иборат мебошад. Дармонҷӯён метавонанд дар баробари ташхису табобат ҳамзамон аз хизматрасонии ошхона ва ҳавзи шиноварӣ истифода баранд.

Дар маркази нави тиббӣ бо навтарин дастгоҳҳо ташхису табобат ва намудҳои зиёди ҷарроҳӣ, аз қабили ҷоғу рӯй, чашм ва узвҳои дарунӣ, ба роҳ монда шудааст.

Ҳуҷраҳо барои бақайдгирӣ, ташхису табобат, таҳлили хун ва ду ҳуҷра барои ҷарроҳӣ пешбинӣ гардида, зиёда аз 30 нафар мутахассиси баландихтисос ба ҷойи кор таъмин шуданд.

Дастгоҳҳо барои ташхису табобат аз Корея, Туркия, Чин ва Аврупо ворид гардида, сохти бунёди бино ва афзалият додан ба таҷрибаи муосир имкон фароҳам овардааст, ки раванди хизматрасонӣ ба таври худкор сурат гирад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба талаботи замон мутобиқ гардонидани имкониятҳоро дар соҳаи иҷтимоӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда, ба масъулини дахлдори соҳа ва коргарону мутахассисон супориш доданд, ки ба муроҷиаткунандагон дар сатҳи баланд хизматрасонӣ кунанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандонро барои омӯзиши нозукиҳои кор тавассути технологияи муосир, баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва бо истифода аз имконияти мавҷуда ҷиҳати хизматрасонии сатҳи баланд вазифадор карданд.

Барои анҷом додани табобат ва ҷарроҳиҳои мураккаб мутахассисон аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Туркия ва Ҳиндустон низ даъват карда мешаванд.

Раванди такмили ихтисоси табибон дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои тиббии мамлакат ба таври амалӣ ба роҳ монда мешавад.

Ба фаъолият оғоз кардани маркази нави тиббӣ, ворид шудани таҷҳизоти муосир ва ҷалби мутахассисони баландихтисос имкон медиҳад, ки ба муроҷиаткунандагон дар сатҳи баланд хизматрасонӣ карда шавад.

**15-уми ноябри соли ҷорӣ дар идомаи сафари корӣ ба шаҳри Хуҷанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ташриф оварда, коргоҳи истеҳсоли курсиҳои нарми «Арча»-ро, ки дар назди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фортуна ва компания» бунёд шудааст, ифтитоҳ намуданд.**

Бо мақсади зиёд кардани навъу намудҳои маҳсулот, қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ ва тақвияти ҳаҷми содиротӣ муассисони ҶДММ «Фортуна ва компания» барои таъсису ба кор даровардани коргоҳи нав, ки дар он асосан курсиҳои нарм ва мебелҳои чӯбин истеҳсол карда мешавад, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар саҳми назаррасу шоиста мегузоранд.

Аснои шиносоӣ бо раванди истеҳсолот ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муассисон иттилоъ доданд, ки барои омода кардани курсиҳои мулоим ва мебелҳои чӯбин аз Италия ва Туркия 47 дастгоҳу таҷҳизоти гуногуни муосир оварда, васлу насб карда шуд.

Дар коргоҳи нав имконияти истеҳсоли то 100 номгӯи курсиҳои нарм ва мебелҳои махсуси чӯбин мавҷуд буда, 60 нафар сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ шуданд, ки бештар аз 40 нафари онҳоро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, иқтидори солонаи коргоҳ 30 ҳазор курсии мулоими гуногун буда, раванди тавлиди маҳсулот дар алоҳидагӣ аз чанд марҳила, аз ҷумла коркард ва омода кардани чӯби табиӣ, муайянсозии андозаи қисмҳои курсӣ, суфтакунӣ, ороиш бо ранг ва дигар маводи зарурӣ, интихоб ва дӯхти матоъ бо тарҳи зебою ҷолиб, иборат мебошад. Масъулони коргоҳ иброз доштанд, ки марҳила ба марҳила бо истифодаи ҳамаҷонибаи иқтидору имконияти мавҷуда ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ба зиёда аз 20 миллион сомонӣ мерасонанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи маҳсулоти гуногуни истеҳсолкардаи коргоҳҳои ҶДММ «Фортуна ва компания», аз ҷумла дару тиреза, мебелҳои гуногун барои хона, ошхона, ҳуҷраҳои корӣ, курсиҳои мулоим ва дигар маводи ороишии аз чӯб омодашударо тамошо карда, ба сифати онҳо баҳои баланд доданд. Дастур дода шуд, ки дар баробари таъмини бозори дохилӣ содироти курсиҳои мулоим ва мебелҳои чӯбин ба хориҷи мамлакат ба роҳ монда шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фортуна ва компания»-ро ба он ҳидоят карданд, ки бозори дохилию хориҷиро ҳамаҷиҳата омӯхта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ивазкунандаи воридотро зиёд намоянд.

**15-уми ноябри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳри Хуҷанд Маркази ташхису табобатии «Аксон»-и ҶДММ «Наргиз»-ро мавриди истифода қарор дода, бо шароити муосири хизматрасонӣ дар он шинос шуданд.**

Маркази мазкур дар бинои сеошёна дар ҳудуди Беморхонаи клиникавии вилоятии ба номи Сангин Қутфиддинов баъди азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси лоиҳаи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ таъсис шудааст.

Дар ошёнаҳои якум ва дуюми бино қабулгоҳ, ҳуҷраи машваратии пеш аз бистарикунонӣ, толори ҷарроҳии эндовидеоӣ, толори ҷарроҳии лазерии рагҳои хунгарди пой, ҳуҷраи дандонпизишкӣ, ҳуҷраҳои бистарӣ бо 72 кат мавҷуд буда, дар ошёнаи сеюм маъмурияти маркази ташхисию табобатӣ фаъолият мебарад. Дар таҳхонаи муассиса озмоишгоҳҳои клиникавию биохимиявӣ, шуъбаи физиотерапевтӣ, ҳуҷраҳои ташхисии сабти барқии дил, ултрасадо, колоноскопӣ ва ғайра амал мекунанд, ки бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз мебошанд. Дар маҷмӯъ, барои Маркази ташхису табобатии «Аксон» ба маблағи 2 миллион сомонӣ таҷҳизоту лавозимоти замонавии ташхисию табобатӣ харидорӣ карда шудааст.

Дар ин муассисаи тиббии хусусӣ 50 нафар табиби соҳибтахассус ва кормандони миёнаи тиб ба шуғли доимӣ фаро гирифта шудаанд. Барои табобати амбулаторӣ ва беморони бистаришуда дар марказ табибони ҷарроҳ, амрози дарунӣ, мутахассисони дилшинос ва равоншинос, табибони гӯшу гулӯ ва бинӣ, духтури амрози занона ва момологҳо, дандонпизишк ва мутахассисони озмоишгоҳҳо фаъолият мекунанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар иншооти муосири тиббӣ иқдоми муассиси Маркази ташхису табобатии «Аксон» соҳибкор Рустам Усмоновро саҳмгузорӣ дар рушду баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ арзёбӣ карданд ва кормандони онро ҷиҳати истифодаи пурсамар аз ин шароит барои хизмати софдилона ба халқ ва муомилаю муошırати хуб бо беморон ҳидоят намуданд.

**15-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир карданд.**

Дар кори машварат натиҷаҳои фаъолияти бахшҳои муҳими иқтисодии вилоят дар нуҳ моҳи соли 2023, рафти иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи барномаҳои давлатӣ, амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат ва чораҳои корҳои созандагию ободонӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, вазифаҳо барои давраи оянда муайяну мушаххас гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари навбатии кориро ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят натиҷагирӣ карда, оид ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд ва вазъи зудтағйирёбандаву мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ андешаронӣ намуданд. Таъкид гардид, ки вазъияти ҷаҳони муосир ҳар яки моро водор менамояд, ки аз ҳарвақта дида бештар кору фаъолият намоем ва барои пешгирӣ кардани таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллӣ тамоми захираву имкониятҳоро истифода барем.

Ба роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш дода шуд, ки дар самти таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал, ташкил кардани захираи кофии он ва пешгирӣ намудани болоравии нархҳо мунтазам чораҷӯйӣ намоянд.

Ба роҳ мондани фаъолияти муназзаму устувори соҳаҳои иқтисоди миллӣ, вусъат додани корҳои созандагиву бунёдкорӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои мавҷуда ва сарчашмаҳои иловагии рушд аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим арзёбӣ гардид, ки бояд ба ҳаллу фасли онҳо эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Роҳбарон ва масъулини вазорату идораҳо, аз ҷумла Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он аз Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иҷрои дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, беталаф ҷамъоварӣ кардани ҳосили боқимонда, пурра омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти шаҳру ноҳияҳо барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023 - 2024 ва иҷрои барномаҳои рушди соҳавию маҳаллӣ супориш гирифтанд.

Ба раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Суғд супориш дода шуд, ки якҷо бо вазорату идораҳо ва дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон, шахсони саховатпеша ва аҳолӣ ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаҳои тасдиқшудаи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ чораҳои муассир андешанд.

Ба роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дастур дода шуд, ки барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ, захира намудани маҳсулоти ғизоӣ ва тухмии зироатҳои кишоварзӣ, ба итмом расонидани кишти тирамоҳӣ, мавсими ниҳолшинонии тирамоҳӣ ва дигар корҳои мавсимӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки захира кардани тухмиҳои репродуксияи баланд, ташкил кардану рушд додани фаъолияти хоҷагиҳои тухмипарварӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва бо ин роҳ афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бояд таҳти назорати доимии роҳбарону мутахассисон қарор дошта бошад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, ҳамчунин, вазифадор карда шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ҷиҳати истифодаи самараноки заминҳо, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо, риояи қоидаҳои агротехникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва гирифтани се - чор ҳосил аз заминҳои корами обӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Барои мусоидат ба рушди соҳаҳои парандапарварию чорводорӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки дар самти ташкили фермаҳои чорводорию парандпарварӣ, инчунин, хоҷагиҳои моҳипарварӣ ва бо маҳсулоти хушсифат таъмин намудани бозори истеъмолӣ чораҳои дахлдор андешанд.

Зиёд намудани майдони гармхонаву сардхонаҳои замонавӣ, ташкили корхонаҳои бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси марказҳои логистикӣ аз тадбирҳои иловагӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ гардид.

Вобаста ба вазъи имрӯзи ҷаҳон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар тамоми мардуми кишвар, ҳамаи ташкилоту муассисаҳо ва ҳар як хонаводаро ҳушдор сохтанд, ки дар фикри таъминоти худ бошанду ҷиҳати ҳар чӣ бештар истеҳсол кардани маҳсулот ва барои ду сол захира намудани маҳсулоти ғизоӣ чораҳои зарурӣ андешанд, то ки дар мавсими тирамоҳу зимистон танқисӣ накашанд.

Барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки корҳоро ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сармоягузории шаҳру ноҳияҳои вилоят, дастгирии ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузорон ва ба ин васила ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи мустақими хориҷӣ тақвият бахшанд.

Саноатикунонии босуръати кишвар яке аз ҳадафҳои асосию стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш гирифтанд, ки бо мақсади татбиқи ҳадафи чорум фаъолияти худро доир ба ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла коргоҳу корхонаҳои коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ боз ҳам вусъат бахшанд.

Роҳбарони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳо вазифадор шуданд, ки фаъолияти худро барои бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ, бартараф кардани раванди таълиму тарбия дар се баст, зиёд намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдакон, инчунин, ба ҷойи кор ҳозир шудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии равияи омӯзгорӣ ба таври ҷиддӣ вусъат бахшанд.




Таъкид гардид, ки бо истифода аз имкониятҳои зиёди вилоят ташкил кардани инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ низ таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва масъулини соҳаро тақозо мекунад.

Дар машварати корӣ роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои бартараф кардани камбудиҳои зикршуда, таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонун супоришҳои мушаххас гирифтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки амалисозии нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати кишвар ба рушду тараққиёти ҳамаи минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла вилояти Суғд мусоидат карда, дарояндаи наздик шаҳру ноҳияҳои вилоят боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии сокинон беҳтар мегардад.

Дар охири кори машварат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон иброз доштанд, ки мардуми ватандӯст, бонангу номус ва матинироДаи вилояти Суғд минбаъд низ бо ҳисси баланди милливу хештаншиносӣ дар ҳифзи дастовардҳои таърихии халқамон ва ҳимояи манфиатҳои давлату миллати куҳанбунёдамон омода буда, бо заҳмати содиқонаву софдилонаи худ ин гӯшаи Ватани маҳбубамонро боз ҳам ободу пешрафта мегардонанд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба вазъи корҳо дар бахшҳои иқтисоди миллии вилоят ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳисобот доданд.

**www.prezident.tj**

# БАЁНГАРИ ЯГОНАГИИ ДАВЛАТ ВА ҲОМИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН



**Дар таҷрибаи низоми идоракунии давлат навъ ва намудҳои гуногун мавҷуданд. Шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ, ки шакли идоракунии халқӣ мебошад, дар навбати худ аз чанд навъи дигар таркиб ёфтааст. Идоракунии халқӣ, яъне ҷумҳуриявӣ, метавонад идоракунии президентӣ, парлумонӣ ва навъҳои дигарро қабул кунад. Ба назари ман, барои Тоҷикистон ҳам аз нуқтаи назари анъанаи давлатдорӣ ва вазъияте, ки баъд аз касб кардани истиқлолияти давлатӣ дошт, эътироф кардани шакли идораи ҷумҳурияви президентӣ мувофиқи мақсад буд, чунки баъд аз ба давлати мустақил табдил ёфтани Тоҷикистон дар парлумон андешаҳои вакилон гуногун буданд. Дар натиҷа, баҳсу мунозира зиёд шуд. Даҳолати хориҷӣ низ беҳад афзуд ва Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид.**

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввал масъалаеро, ки дар назди вакилони Шӯрои Олӣ гузоштанд, ин баркарор кардани ҳокимияти давлатӣ буд. Дар ин замина Роҳбари давлат таҳияи Конститутсияро тадриҷан тарҳрезӣ намуда, пешниҳод карданд, ки ин санади муҳими давлатдориро вобаста ба иродаи халқ қабул кунем ва халқи Тоҷикистон бояд роҳи давлатдориашро муайян намояд. Соли 1994 халқи Тоҷикистон шакли идоракунии президентиро интихоб кард.

Пажӯҳиши масъала маълум намуд, ки гузаштан ба шакли идоракунии парламентӣ аз Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ маншаъ гирифта, тақозои замон буд. Тавре аз гузориши иҷлосияи зикршуда, ки он замон рӯзномаи «Садои мардум» шакли пурраи онро чоп карда буд, бармеояд, вакилони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми ноябри соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи даровардани тағйирот ва иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро қабул карданд, ки дар он меъёрҳои конститутсионӣ ба ҳокимияти Президент рабтдошта бекор карда шуданд. Дар ин замина, ваколатҳои ба Президент даҳлдошта ба Шӯрои Олӣ, Раёсати Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони Тоҷикистон вогузор гардиданд. Илова бар ин, амали қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии зикршуда дар бораи вазъи ҳуқуқии Президент низ бекор гардиданд.

Ба шарофати ибтикори зикршуда фаъолияти институти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардида, шакли идораи парламентӣ фаъол шуд. Дар асоси тағйироти мавриди назар Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ, кафили риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, Конститутсия ва қонунҳо гардида, ҳуқуқи намояндагии Тоҷикистонро дар дохили мамлакат ва муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин ҳуқуқи имзои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гардид. Хулоса ин аст, ки дар он айёми бениҳоят ҳассосу пурҳаводис ва сарнавиштсоз ҳокимияти президентӣ натавонист рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд ба ҷо орад.

Дар доираи матлаб бамаврид ва заруру ногузир аст, ки моҳият ва мафҳуми «Президент» муфассал ва бо истинод ба манбаъ ва адабиёти муътамад шарҳу тавзеҳ дода шавад. Чуноне ки олими рус Н.А.Сахаров қайд мекунад: «Мафҳуми «Президент» аз забони лотинӣ «praesidens» гирифта шуда, дар луғат маънои «дар пеш нишаста»-ро дорад, ки ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ дар аксари кишварҳое, ки идораи ҷумҳуриявӣ роиҷ аст, баҳри ифодаи маснади сардори давлат ва ё роҳбари мамлакат истифода мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ниҳоди нисбатан нави сиёсию ҳуқуқие мебошад, ки дар он Президент сарвари давлат ва раиси ҳокимияти иҷроия маҳсуб мешавад.

Пажӯҳишгарони тоҷик зимни таҳлили заминаҳои пайдоиш ва зарурати таъсиси ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чанд омил ишора мекунанд. Як идда қотеъона исрор меварзанд, ки ташкили қолаби нави идора бо роҳбарии Президент дар Тоҷикистон бо ҷанбаҳои айнӣ ва зеҳнӣ тавъам буд. Зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии он, қабули оҷилии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими низоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

Далели бебаҳс аст, ки таъсиси ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави рушди давлатдории миллӣ ва таҳрикбахши эътирофи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Бо муҳаққиқон дар мавриди он ҳамфикрам, ки: «Зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии он, қабули оҷилии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими низоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷумлаи омилҳоеянд, ки ба ташкили қолаби нави идора бо роҳбарии Президент дар Тоҷикистон асос гузоштанд». Дар робита ба ин месазад ёдовар шавем, ки институти президентӣ дар кишвари мо бо истинод ба таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва ба шарофати фароҳам намудани заминаи мукаммали ҳуқуқӣ рӯи кор омад.

Набудани механизми мураттаби ҳифзи сохти конститутсионӣ, таҷрибаи муборизаи мадании сиёсӣ, мавҷудияти қувваҳои иҷтимоие, ки ба таври ошкоро муборизаи мусаллаҳонаро чун воситаи ба даст овардани ҳадафҳои худ эълон доштанд, ба он оварда расонид, ки ниҳоди президентӣ ба шаклҳои гуногуни таҳдид ва фишори ғайрирасмии сиёсӣ дучор шуд. Таҳлили холисонаи ин қабил зуҳурот ба хулоса меорад, ки танҳо дар соли 1992 ба Конститутсияи Тоҷикистон аз ҷониби Шӯрои Олӣ даҳ маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ду Президент ва панҷ Ҳукумат иваз гардиданд. Ин ҳолат дар маҷмӯъ, вазъи ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳуриро хеле ноустувор гардонида, ҳаёт, амният ва некуаҳволии шаҳрвандон, худи мавҷудияти давлатдории тоҷиконро зери хавф гузошт. Масъалаҳои марбут ба интихоби шакли раёсати ҷумҳуриявӣ ва тақдири ниҳоди президентӣ боиси нигаронӣ ва муҳокимаи доманадор дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Нақши таърихии иҷлосияи мазкур дар он мебошад, ки бо такя ба арзишҳои волои миллӣ тавонист ба аксари зуҳуроти номатлуб дар ҳаёти давлатӣ баҳои ҳуқуқӣ дода, фаъолияти ниҳодҳои зиёди давлатӣ ва ҷамъиятиро воқеъбинона матраҳ созад. Дар натиҷа, ба қонун аз 27-уми ноябри соли 1992 мансаби президент, мувофиқи шакли раёсати хоси он дар барҳам дода шуд ва баъд аз таваққуфи дусола бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони тозаистиқлол соли 1994 он дар мазмуни сифатан нав дубора эҳё шуд.

Ҳамин тавр, ниҳоди президентӣ зуҳуроти ҷадиди сиёсию ҳуқуқие мебошад, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон ҳамто надорад. Дар адабиётӣ ҳуқуқӣ асоснок таъкид мегардад, ки ташаккули ниҳоди мазкур «дар ҷумҳурӣ як зайл ва ҳамвора ба вуқӯъ напайваста, ба мушкилиҳои муайяне рӯ ба рӯ гаштааст», вале таъсиси мансаби президент дар шароити сохти шӯравии Тоҷикистон аҳамияти, бешак, инқилобӣ дошт:

- якум, он қадами устувор дар роҳи тасдиқи арзишҳои нави Эъломияи соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ гардид, ки дар он, аз ҷумла, усули таҷзияи ҳокимият эътироф мегашт;

- дуюм, ба шарофати он афкори ҳуқуқии кишвар бо истилоҳи «сарвари ҷумҳурӣ» шиносоӣ пайдо кард;

- сеюм, тавассути он таҷҳизи сохтори идораи давлатӣ амалан шурӯъ шуд;

- чорум, он моҳиятан муждарасони сиёсию ҳуқуқии истиқлолияти минбаъдаи Тоҷикистон гардид.

Таҷрибаи дусолаи фаъолияти мансаби президентӣ дар Тоҷикистон равшан нишон дод, ки дар ҳаёти мамлакат аҳамияти ҳалкунандаро на ин ё он сохтори идора, балки низоми сайқалёфтаи роҳбарӣ дорост, ки таҳкурсии сиёсии ҷараёнҳои демократиро ташкил дода, мизони ҳокимияти давлатӣ тавассути ҳамкорию ҳамоҳангии рукнҳои он таъмин мегардад.

Падидаи «Президент» нахустзамина ва асоси ташаккули ҳокимияти иҷроия дар низоми ҳокимияти давлатӣ мебошад. Пайдоиш ва ташаккули ҳокимияти иҷроия чун мафҳуми ҳуқуқию сиёсӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи давлатдорӣ чун принсипи конститутсионализми ғарбӣ ба вуқӯъ пайваста буд, ки дар маркази мавзӯи он вазъи конститутсионӣ - ҳуқуқии Президент меистад.

Барои пурратар ошкор намудани хусусияти ин падида дар шароити Тоҷикистон бояд дар назар дошта шавад, ки масъалаи мазкур ба кадом асосҳои бунёдӣ алоқаманд аст, аз куҷо сарчашма мегирад, ба Президент кадом вазифаю салоҳиятҳо дода шудааст, ӯ дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар кадом вазъ қарор дорад ва Конститутсия чӣ гуна механизми амалишавӣ, кафолатҳо ва маҳдудиятҳоро барои ӯ муқаррар намудааст?

Аз мазмуни бобҳои чаҳорум, панҷум ва дигар бобҳои Конститутсия, инчунин аз қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ, ки дар асоси Конститутсия қабул карда шудаанд, падидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои конститутсионии худро дарёфт ва вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии Президентро дар низоми ҳокимияти давлатӣ муқаррар намуд, ки хусусиятҳои он аз инҳо иборат мебошанд:

Якум, падидаи «Президент» падидае мебошад, ки дар он намояндагии умумихалқӣ таҷассум меёбад, зеро мутобиқи Конститутсия ба мансаби Президент шаҳрванди Тоҷикистон ба тартиби муқаррургардида интихоб шуда метавонад, ки синни ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд.

Тартиби интихоби Президентро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21-уми июли соли 1994 таҳти №1043 бо тағйироту иловаҳо аз 3-юми сентябри соли 1999 (№384) ва аз 28-уми декабри соли 2005 (№140) танзим намудааст.

Дуюм, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансабдори олии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки ӯро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол бо тартиби муқарраршуда интихоб менамоянд.

Сеюм, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан рамзи давлат, сарвари давлат ва сарвари мақомоти ҳокимияти иҷроия – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ӯ дорои салоҳияти намояндагии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи мамлакат мебошад. Ин вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии Президентро мавҷудияти рамзҳои ӯ шаҳодат медиҳанд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28-уми июли соли 2006 таҳти №192 аз Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, онҳо рамзҳои расмии ҳокимияти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд (моддаи 1).

Рамзҳои президентӣ дар маросими савгандёдкунӣ ба ӯ аз ҷониби раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад. Ин маросим бо шукӯҳу шаҳомати хоса барпо шуда, дар ин маросим Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ӯ афрохта мешавад, ҳамзамон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мансаб дорандаи ордени «Ситораи Президенти Тоҷикистон дараҷаи як» мебошад (моддаи 6). Қонуни зикршуда тартиби истифодаи рамзҳои президентиро муқаррар намудааст. Бояд тазаккур дод, ки баъд аз савганд ёд намудани Президенти кишвар мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15-уми ноябри соли 2006 таҳти №205 хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Майдони «Дӯстӣ»-и шаҳри Душанбе савганди тантанавӣ ёд мекунанд.

Чаҳорум, Президент баёнгари ягонагии давлат буда, ҷумҳуриро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад, ҳуқуқи аз номи тамоми халқи Тоҷикистон сухан гуфтанро дорад. Чуноне аз моддаи 64 Конститутсия бармеояд, Президент кафили пойдорию бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо мебошад.

Президент вазифадор аст, ки ҳамгироии фаъолияти рукнҳои ҳокимияти давлатиро ба хотири ваҳдати онҳо таъмин намояд, то ки дар низоми давлатдорӣ «қувваи марказгурез» ба вуҷуд наояд. То ки чунин вазъ рух надиҳад, Конститутсия истифодаи механизми тавозуни (боздорӣ ва мувозинаи) ҳокимиятро муқаррар намудааст, ки ба ҳамкории рукнҳои ҳокимияти давлатӣ дар амалӣ намудани вазифа ва салоҳиятҳо, инчунин аз тариқи мусолиҳа ҳаллу фасл намудани онҳо мусоидат менамояд. Ин вазифаро Президент бо он асос доро мебошад, ки ӯ ҳамчун мансабдори олии ҳокимияти давлатӣ ва намояндаи ягонаи умумихалқӣ кафили мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо ва ягонагии давлат мебошад.

Панҷум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доранда ва барандаи тавозуни ҳокимияти давлатӣ мебошад. Вай ба тарзҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ ҳамчун шахси масъули бонуфуз дар механизми тавозуни (боздорӣ ва мувозинаи) ҳокимияти давлатӣ фаъолона иштирок менамояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ дорад механизми мураттабсозӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ – усули тавозуни ҳокимияти давлатиро ба таври воқеӣ истифода барад:

Якум, бевосита ҳангоми истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ (моддаи 58 Конститутсия);

Дуюм, аз имзои қонун даст кашидан - дар вақти ба он ва ё қисми он розӣ набудан. Дар ин маврид Президент метавонад дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо қонунро ба Маҷлиси намояндагон баргардонад (моддаи 62);

Сеюм, ба воситаи намояндаи худ дар Парлумон ҳангоми баррасии лоиҳаи қонунҳо ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳими сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ғайра мавқеи худро оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси Олӣ бо сиёсати дохилию хориҷии кишвар муайян менамояд. Ба ҳамин тариқ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавозуни устувори «секунҷаи» рукнҳои давлатӣ – ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад.

Шашум, Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ягона нозири волои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки ҳамзамон кафили риояи муқаррароти Конститутсия ва қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Ҳафтум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаками умумихалқии бонуфуз дар низоми ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар доираи ин ваколат Президент масъалаҳои марбут ба додани паноҳгоҳи сиёсӣ, қабул ба шаҳрвандӣ, бахшиши ҷазо ва мукофотонии шаҳрвандонро ҳаллу фасл менамояд.

Ҳаштум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо мебошад. Президент дар ин ҷода барои амалисозии вазифаҳои зикршуда ҳуқуқ дорад, ки механизмҳои давлатии амалигардонии онҳоро таъсис ва барҳам диҳад. Аз ҷумла, ӯ Дастгоҳи иҷроияи Президент, Шӯрои адлия ва Шӯрои президентиро ба тариқи муқарраркардаи қонунгузорӣ таъсис медиҳад, ки барои мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини ҳамкории онҳо, иҷро ва риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон, пойдорию бардавомии давлат таҳким мебахшанд.

Нуҳум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, сулҳу субот ва пойдорию бардавомӣ мебошад. Дар ин самт ӯ ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини қобилияти мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодагии доимии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои заруриро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми июни соли 1993 «Дар бораи мудофиа» (дар таҳрири қонун аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти №208) меандешад. Шӯрои амниятро ташкил намуда, ба он роҳбарӣ мекунад; самтҳои асосии ҳамкориро бо давлатҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳарбӣ муайян мекунад; гуфтушунидҳо мегузаронад ва оиди масъалаҳои ҳарбӣ шартномаҳои байналмилалиро имзо менамояд; ҳолати ҷанг, сафарбаркунии умумӣ ва ҷузъӣ, ҳолати ҳарбиро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар маҳалҳои алоҳидаи он эълон карда, бетаъхир ба тасдиқи ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад, Сардори Сарситоди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд; унвонҳои олии ҳарбиро медиҳад ва ғайра.

Ҳангоми таҳдиди ҷанг мутобиқи қонун метавонад ҳолати ҳарбӣ ё вазъияти ҳарбӣ ҷорӣ кунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили Конститутсия амнияти шахсият, ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд, мақомоти давлатии таъмини амниятро ташкил, аз нав таъсис ва барҳам медиҳад.

Даҳум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - кафили риояи қарордодҳои байналмилалӣ мебошад, ки ӯ самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян месозад, Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад, мақомоти марбутаи ҳокимияти иҷроияро дар ин самт таъсис медиҳад, вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад ва онҳоро барҳам медиҳад; сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндагони ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва аз вазифа озод мекунад, қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистонро ба имзо мерасонад, иҷрои онҳоро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11-уми декабри соли 1999 таҳти №908 ба роҳ мемонад.

Ёздаҳум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ҳимояи қонун ва таъминоти махсус қарор дорад.

Моддаи 72 Конститутсия муқаррар намудааст, ки Президент ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Дахлнопазирии Президент дар сурати аз тарафи ӯ содир шудани хиёнат ба давлат дар асоси хулосаи Суди конститутсионӣ ва бо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, бекор карда мешавад.

Масъалаҳои таъминот ва ҳимояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминот, адои хизмат ва муҳофизати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти № 204 (дар таҳрири қонунҳо аз 22-юми апрели соли 2003 таҳти №10 ва аз 5-уми майи соли 2007 таҳти № 224) муқаррар шудааст, ки тибқи он Президент таҳти ҳимояи давлат қарор дошта, ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи ӯ таҳти ҳимояи қонун мебошад. Шахсоне, ки ба ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи Президент қасд мекунанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Бояд зикр кард, ки бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аввалҳои солҳои 90-и асри гузашта аз ғояҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравӣ баҳраманд шудааст. Раъйпурсӣ барои қабули Конститутсия ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 баргузор гардида, ба ташаккули падидаи «Президент» аз тариқи раъйпурсӣ заминаи конститутсионӣ фароҳам сохт. Дар он Конститутсия қабул шуд ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин мансаби олии давлатӣ бо тарафдории аксарияти интихобкунандагони дар интихобот иштироккарда интихоб гардиданд. Ба ҳамин тариқ, падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқии «Президент» ва вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии Президент ҳамчун намояндаи умумихалқӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол муқаррар гардид.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ба ин падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ боби махсус (Боби чорум), ки «Президент» (моддаҳои 64 -72) ном дорад, бахшида шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон муқаррар гардид (моддаи 64).

Ҳамин тариқ, ташаккули ниҳоди президентӣ тақозои замон ва яке аз нишондиҳандаҳои асосии барпо шудани давлатсозию давлатдорӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз ин ниҳод қодир аст фаъолияти муназзами аркони давлатдорӣ ва бақои давлатро таъмин намояд. Дар навбати аввал ин ниҳод боис гардид, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари ягонаи мустақил ҳифз карда шавад. Ҳарчанд давлати нави мустақили тоҷикон ҳамагӣ дар як пораи кӯҳистони сарзамини бузурги таърихии халқи тоҷик таъсис ёфтааст, вале дар он рӯзҳо нақшаҳои тақсими ин давлат дар миён буд. Чунин тарҳҳоро на танҳо неруҳои хориҷӣ, балки баъзе аз сиёсатмадорон ва қувваҳои сиёсии дохилӣ низ ҷонибдорӣ намуда буданд.

Дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир, ки бархӯрди манфиати абарқудратҳо рӯз то рӯз шиддат гирифта истодааст, мақом ва моҳияти ниҳоди президентӣ барҷастаю баръало аст.

Ба андешаи мо, дар сатҳи муосир эҳё ва барқарор намудани ниҳоди президентӣ яке аз дастовардҳои беназири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Агар ба сиёсат ва раванди давлатсозию давлатдории ин Абармард мутаваҷҷеҳ шавем, моҳияту мантиқи ин гуфта баръалотар мешавад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

Абдуллоҳи РАҲНАМО

## ПЕШВОИ НУР

*Пешвое, ки гавҳараш нур аст,*
*Суханаш нуру минбараш нур аст.*

*Қадамаш хуррамию ободӣ,*
*Ватанаш нуру кишвараш нур аст.*

*Худи ӯ иқтидори Роғун шуд,*
*Ки вуҷуди тавонгараш нур аст.*

*Ба шаби тира дастболо гашт,*
*Офтобе, ки лашкараш нур аст.*

*Ба ҷаҳон дарси рӯшноӣ дод,*
*Родмарде, ки бовараш нур аст.*

*Сабақи нур мекунад аз бар,*
*Тифли нуре, ки дафтараш нур аст.*

*Ориё зинда мешавад аз ӯ,*
*Ориёе, ки мазҳараш нур аст.*

*Малаки осмон нигаҳбон бод,*
*Ватанеро, ки сарвараш нур аст.*

# ҲОМИЮ ИФТИХОРИ МИЛЛАТ



**Парвиз ШОДИЗОДА, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи Тоҷикистонро президентӣ муқаррар намудааст. Тибқи моддаи 64-уми ин санади муқаддасу тақдирсози миллат Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.**

Дар таърихи навини тоҷикон санаи 16-уми ноябр ҳамчун рӯзи муайянкунандаиояндаи миллату давлат дарҷ гардидааст, зеро дар ин санаи муборак соли 1992 Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро иҷлосияи тақдирсоз медонем, дар қасри Арбоби вилояти Суғд ба кори худ шурӯъ намуд. Маҳз, интихоби дуруст ва қарорҳои қабулнамудаи ин иҷлосия оташи ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон хомӯш намуда, роҳи сулҳу ваҳдат ва рушду равнақро пеш гузошт. Инчунин, дар ҳамин рӯзи таърихӣ, яъне 16-уми ноябри соли 1994 бори нахуст ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди халқу Ватан савганд ёд карданд. Аз ин хотир, дар асоси моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» 16-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Ҷашни Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷомеаи навини тоҷик, дар шинохти арзишҳои давлатӣ ва баланд бардоштани ҳувияти миллӣ пураҳамият буда, умеду орзуҳои миллиро дар худ таҷассум менамояд.

Президенти кишвари мо сиёсатмадори пурфазилат ва дорои хислатҳои наҷиби инсонӣ ҳастанд. Нақши калидии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар барқароркунии сулҳи тоҷикон, пешрафту шукуфоии Тоҷикистон такрор ба такрор гуфтан, насли наврасро воқиф кардану калонсолонро аз он рӯйдодҳо ёдрас намудан, вазифаи ҳар як шахси дурандешу меҳанпараст ба ҳисоб меравад, зеро мо дар замоне умр ба сар мебарем, ки хатар аз ҳар сӯ ба амнияти кишвару минтақа ва ҳатто тамоми инсоният таҳдид менамояд. Пеш аз ҳама, тезутунд шудани муносибатҳои кишварҳои абарқудрат, бархӯрди манофеи онҳо ин хатарҳоро афзунтар кардааст. Пӯшида нест, ки ин бархӯрд омили асосии таҳдидкунанда ба амнияти кишварҳо гардида, ба раванди сиёсӣ ва идеологии онҳо таъсир расонида, боиси барангехтани низоъҳои нав мегардад.

Нигоҳ доштани осудагӣ ва сулҳу салоҳ душвортар аз собиқа гардида, танҳо таҳаммулпазирию дурандешӣ, ҷасорату ҳақгӯию якрӯии сиёсатмадори ҳушманду соҳибтаҷриба метавонад дар ин айёми беҳад ҳассос кишварро аз таҳдидҳои замони муосир эмин дорад. Муҷиби хушнудию иқболи баланди тоҷикистониён аст, ки мо чунин Сарвари давлатро дорем. Сарваре, ки заковату башардӯстияшонро на танҳо тоҷикистониён, балки аҳли башар дарёфтаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пешниҳодҳои судманду суханрониҳои муассири хеш аз минбарҳои баланд имрӯз на танҳо манфиати миллати худ, балки тамоми инсониятро меандешанд.

Ҳаллу фасли масоили экологӣ, ҳимояи дину мазҳаб, аз ҷумла дини мубини ислом, амнияту субот дар минтақа, бештар намудани ҳаҷми кумакҳои башардӯстона ба мардуми азияткашидаи Афғонистон, аз ҷумлаи масоиле буданд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониашон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлосияи 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 20- уми сентябри соли 2023 таъкид намуда, ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳамоҳангсозӣ, ҳамгироӣ ва таҳаммулгароӣ даъват намуданд.

Муносибат бо ҳамсоякишварҳо дар ташаккули робитаҳои байналмилалӣ нақши муҳимро мебозад ва ба сиёсат, иқтисод ва амнияти кишвар таъсири барҷаста дорад. Аз ин хотир, нигоҳдории иртиботи хуби ҷонибҳо боиси муваффақиятҳо, рушди иқтисодиёт ва баланд рафтани сатҳи зиндагии мардуми кишварҳо мегардад. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон низ омадааст, ки дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятнокро ишғол менамоянд. Тоҷикистон ҷонибдори минбаъд вусъат бахшидани таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошад. Маҳз, аз ҳамин хотир, Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нигоҳ доштани муносибатҳои хайрхоҳона ва дӯстонаро бо ҳамсоякишварҳо муҳим шуморида, нумӯи дӯстии байни халқҳоро талқин мекарданд. Пешвои миллат таамули тақдириояндаи кишварҳоро мекунанд, зеро дорои таҷрибаи бузурги давлатдорию хислатҳои наҷиби инсонӣ ҳастанд, ки боиси ифтихору сарфарозии ҳар як тоҷикистонии ҳушманд аст. Ба хотири нигоҳ доштани оромию осудагӣ дар кишвар ва минтақа, дӯстию рафоқат бо ҳамсоякишварҳо, Пешвои миллат борҳо масоили ҳалталаби минтақавӣ, бахусус вобаста ба мушкилоти Афғонистонро, бо шуҷоат ва аёнан баён кардаанд, ки на ҳар сарвар ин маҳоратро дорад.

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамасола мардуми шарафманди Тоҷикистон бо рӯҳияи баланду қаноатмандӣ аз сиёсати оқилонаю сулҳпарварона ва ғамхоронаи Сарвари кишварамон ҷашн мегиранд. Маром аз ҷашн гирифтани ин рӯзи муборак дар он аст, ки Ватани азизамон бо мардуми меҳнатқарину шукргузораш зери пуштибонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша обод, озод ва хушиқбол бошад.



# АФСОНАИ ҲУЗНАНГЕЗ ВА ҲАҚИҚАТИ ГУВОРОИ «РОҒУН»

**Номи «Роғун»-ро тамоми дунё шунидааст. Махсусан, дар кишвари мо вақте сухан аз энергетика ва барқ равад, пеш аз ҳама, «Роғун» пеши назар меояд. Ҳар як кӯдаки тоҷик аз хурдӣ номи «Роғун»- ро шунидааст, мӯйсафедон даст ба дуо мебардоранд, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» тезтар бино ёбад ва мамлакати мо аз танқисии барқ раҳо шавад.**

Чанд даҳсола боз масъалаи НБО «Роғун», баҳси «Роғун», аҳамият ва манфиати «Роғун» дар байни сиёсатмадорон, дӯстону бадхоҳон, ҳатто дар байни мардуми одӣ идома дорад, вале он барои махсусан мутахассисон ва кормандони соҳаи энергетика фаҳмиши амиқтар, мукаммалтар ва манфиатноктареро дорост. Дар ин бора садҳо китобу мақола нашр гаштанд, даҳҳо таҳлилу экспертизаҳо пушти сар шуданд.

Оқибат НБО «Роғун» бино ёфт, ду агрегати он ба кор сар кард ва барои иқтисодиёти миллию аҳолии ҷумҳурӣ неруи барқ истеҳсол карда истодааст.

Ҳарчанд обанбори неругоҳ ҳанӯз то ба охир бунёд наёфтааст ва фишори об ҳанӯз паст аст, дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» то ин дам аллакай қариб 7 миллиард киловатт/соат барқ истеҳсол шудааст. Барои муқоиса – дар як шабонарӯз дар ҷумҳурӣ то 45-50 миллион киловатт/соат барқ истеҳсол мегардад. Барқи то имрӯз истеҳсолнамудаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» зиёда аз 1,5 миллиард сомониро ташкил медиҳад, ки он барои идомаи бунёди неругоҳ сарф мегардад. Аз ҳама муҳим он аст, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба низоми ягонаи энергетикии мамлакат ворид шудааст. Бояд гуфт, ки дар ҷодаи бунёди «Роғун» ними роҳ тай шуд. Ҳарчанд давоми роҳ низ одиву осон нест, вале акнун аниқу иҷрошаванда аст. Ин ҳама нишонаи амалӣ шудани сиёсати оқилонаи энергетикии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ин кори одиву осон набуд. Вақте мо мегӯем, ки НБО «Роғун» бино ёфт, худ аз худ симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши назар ҷилвагар мешавад. Бале, агар обрӯву нуфузи байналмилалии Сарвари давлати мо, меҳнату заҳмат ва азму иродаи қавии он Абармард намешуд, бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» номумкин мегардид.

Баъди душвориҳо мушкилоти зиёдро пушти сар намудан, аз имтиҳони хеле мушкили таърих гузаштан, таҳлилу исботу экспертизаҳо, мулоқоту воҳӯриҳои сатҳи байналмилалӣ - дар оқибати кор тантана намудани ҳақиқат ва бунёд ёфтани Неругоҳи барқи обии «Роғун» ин як рӯйдоди одӣ не, балки ҷасорату матонату иродаи пӯлодини Пешвои миллати мо ва тантанаи бузургии миллат буд, ки дар атрофи Сарвари давлат муттаҳид шуда, ба ин ҳадафи олӣ расиданд.

Дар ҷамъомади хеле муҳташам ва бонуфуз - Конфронси дуюм оид ба фурӯши неруи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ моҳи октябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буданд: «Дар марҳалаи кунунӣ дар Тоҷикистон якчанд лоиҳаи ниҳоят муҳим ва ояндадор амалӣ шуда истодааст. Яке аз онҳо ба охир расонидани навбати аввали Неругоҳи барқи обии «Роғун» мебошад...Мо тасмим гирифтаем, ки аз соли 2007 сохтмони ин неругоҳро бо маблағгузории ҷумҳуриявӣ шурӯъ намоем ва вусъат бахшем».

Ба ин бисёриҳо бовар накарданд. Воқеан ҳам, дар назари аввал имконнопазир менамуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бе кумаки ягон давлати абарқудрат ин неругоҳи бузургро бунёд намояд. Шахсан худ будам, ки бисёриҳо мегуфтанд:

- Иттиҳоди Шӯравӣ бо ҷалби зиёда аз 400 корхонаи азим, таҷриба ва имконоти бузург аз уҳдаи ин кор то ба охир набаромад Тоҷикистон ният дорад, ки ин иншооти мураккаб ва гаронарзишро худаш созад!? Ин афсона аст!.., вале азму иродаи Сарвари давлат қавӣ буд. Махсусан, баъд аз Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон, ки 5- уми январи соли 2010 ироа гардид, мардуми кишвар дар атрофи Сарвари давлат муттаҳид гашта, барои бунёди ин неругоҳи тақдирсоз камар бастанд. Дар муроҷиатномаи мазкур, аз ҷумла, қайд мешавад: «Муҳимтар аз ҳама, ман имрӯз дида истодаам, ки халқи сарбаланди тоҷик ва ҳар як фарди баору номус зарурат ва аҳамияти ин иншооти сарнавиштсозро бо тамоми ҳастӣ дарк менамояд ва ин, албатта, ба роҳбарияти давлат, инчунин бинокорон нерую илҳоми тоза мебахшад. Ҳоло майдони сохтмони ин иншооти барои мамлакат тақдирсоз ба корзори заҳмати созанда, майдони ҳиммату ҷавонмардӣ, арсаи озмоиши нангу номус ва гузашта аз ин, ба ғояи миллии мо табдил ёфтааст. Чунки НБО «Роғун» на танҳо манбаи нуру рӯшноӣ, балки санги маҳаки номуси миллӣ, шарти иқтидору пойдории давлат ва омили асосии таъмини амнияти миллат ва давлати Тоҷикистон мебошад!».

Дар навиштаҳои поён кӯшиш мекунам, ки таърихи мухтасари бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун», аз орзу ва афсона ба ҳақиқат табдил ёфтани ин лоиҳаи бузург, душвориҳо ва мушкилоти амалӣ шудани ин орзуи миллии моро, ҳар қадар имкон дорам, шарҳ диҳам.

Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар маҷрои дарёи Вахш, дар масофаи 110 километр дуртар аз пойтахти Ватанамон - шаҳри Душанбе бунёд ёфта истодааст.

Мавҷудияти захираҳои азими энергетикии кишвари мо таваҷҷуҳи олимону мутахассисони соҳаро хеле барвақт ҷалб кард ва ҳанӯз аз солҳои 20-30-юми асри гузашта он мавриди омӯзишу тадқиқот қарор гирифта буд. Беҳуда нест, ки Тоҷикистон дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ ба яке аз ҷумҳуриҳои аз ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ мутараққӣ табдил ёфт.



Бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» низ дар ҳамин силсила ба назар гирифта шуда буд ва аз ибтидо ба он эътибори хеле калон дода мешуд. Ҳанӯз дар Харитаи захираҳои обию энергетикии РСС Тоҷикистон, ки дар асоси аввалин тадқиқҳои ҷуғрофии олимони Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1932 аз тарафи И. Караулов таҳия гардидааст, дар мавзеи Роғун имкони бунёди ин иншоот ишора шуда буд.

Ибтидои солҳои 70-уми асри XX, бинобар зиёд шудани талабот ба неруи барқ, дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба хотири танзими об дар заминҳои навкорам, инчунин бо барқ таъмин намудани насосҳои пуриқтидори обкаш барои обёрӣ намудани як қисмати заминҳои навкорам бо таклифи роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Ӯзбекистон ва розигии роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳасозӣ ва асоснокнамоии техникӣ-иқтисодии НБО «Роғун», ки аз обанбор ва неругоҳ иборат хоҳад буд, оғоз ёфт. Асосноксозии техникӣ-иқтисодии лоиҳаи НБО «Роғун» соли 1972 дар Вазорати энергетикаи ИҶШС бо иштироки намояндагони ваколатдори тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мавриди муҳокима қарор гирифта, аз тарафи Комиссияи давлатии иқтисодии «Госплан»-и ИҶШС маъқул дониста шуд.

Аввалин ҷаласаи ботантана дар НБО «Роғун» 27-уми сентябри соли 1976 баргузор гардид. Дар ин рӯз Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов суханронӣ кард ва моҳияти Қарори Анҷумани XXIV КПСС-ро роҷеъ ба сохтмони НБО «Роғун» дар Тоҷикистон шарҳ дод. Ҳозиринро вазири энергетика ва электрофикатсияи ИҶШС П.С. Непорожний табрик гуфт ва оғози сохтмони боргоҳи нури НБО «Роғун»-ро фоли нек донист. Сипас, дар ин ҷо аввалин таркишҳои бунёдкорона садо дода, ба оламиён аз оғози ин сохтмони пуршукӯҳ пайғом дод.

Метавон ин ҳамаро корҳои тайёрӣ ба оғози сохтмони бузург маънидод кард. Ба таври расмӣ бошад, сохтмони НБО «Роғун» ва дар собиқ деҳкадаи Сарипулак бунёди шаҳри дуюми энергетикҳои тоҷик - Роғун аллакай аз моҳи майи соли 1986 оғоз гардид. Баъд аз ин дар як муддати кӯтоҳ манзили зист, ду мактаб, ду боғчаи бачагон, мағозаҳо, ошхонаҳо, ду толори намоиши филм, роҳҳо, хатҳои барқ, зеристгоҳҳои барқӣ, майдонҳои сохтмон, муассисаҳои ёрирасони сохтмон ба маблағи зиёда аз 60 млн. рубл бунёд ёфтанд.

Майдончаи сохтмонии рақами 1, ки дар байни дарёҳои Оби Ҷӯшон ва Паси Мухраҳо ҷойгир шуда буд, тамоми иншооти аввалияи истеҳсоли сангу шағал, ҷои нигоҳдории техникаю таҷҳизот ва маводу сӯзишвориро доро буд. Дар назар дошта шуда буд, ки ин майдонча то ба кор даромадани агрегати якум амал намуда, сипас зери об мемонад. Ҳамин тариқ, бунёди боз се майдончаи дигари сохтмонӣ дар сатҳи аз якдигар баланд дар назар дошта шуда буд.

Дар ҷамъбасти соли 1986 дар НБО «Роғун» маҷлиси машваратии умумииттифоқии кормандони соҳаи гидроэнергетика баргузор шуд, ки дар он бунёдкорони сохтмон, намояндагони корхонаҳои пудратӣ, мутахассисон, лоиҳакашон, конструкторҳо, мошинсозон, нақлиётчиён иштирок доштанд. Ин маҷлис барои сохтмони НБО «Роғун» саҳифаи тоза боз кард. Дар он марҳилаҳои муҳими эъмори боргоҳи нур мушаххасан муқаррар шуданд. Муайян гардид, ки охири соли 1987 маҷрои дарёи Вахшро баста, соли 1989 агрегати якум ба кор андохта мешавад. Соли 1990 - анҷом додани сохтмони шаҳри Роғун ва соли 1993 пурра ба истифода додани Маҷмааи гидроэнергетикии НБО «Роғун» муқаррар гардид.

Дар аввал чунин менамуд, ки ин нақша реалӣ ва иҷрошаванда аст: 27-28-уми декабри соли 1987 пеши маҷрои Вахш баста шуд ва об ба ҷониби нақби неругоҳ равон гардид. Ба ин муносибат чорабинии пуршукӯҳ баргузор шуд, ки дар он бунёдкорон, роҳбарони ҳизбӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои комсомолӣ, намояндагони ҳама муассисаю корхонаҳои ҳамҷавор иштирок доштанд.

Дар он сардори Управленияи «Рогунгэсстрой» Н.Г. Савченков, сардори гурӯҳи кафшергарон В.Т. Титов, сардори Управленияи тоҷикистонии «Союзгидроспетсстрой» В.М. Башмаков, сардори гурӯҳи бетонрезон Ш. Одинаев, булдозеррон С. Пудинаев, кафшергар С.Ф. Трасковский, ронандаи «БелАЗ» А. Ризоев ва дигарон суханони шодбошӣ гуфтанд.

Дар арафаи ин воқеаи фаромӯшношуданӣ гурӯҳи кӯҳнавардон аз байни қуллаҳо миёни Нораку Роғун раҳ кушоданд. Роҳбари гурӯҳ М. Тсой ба роғуниҳо туҳфаи норакиҳоро овард, ки он санге буд аз сарбанди НБО «Норак» ва бояд он дар сарбанди Неругоҳи барқи обии «Роғун» гузошта мешуд.

*(Идома дорад)*



**Нозир ЁДГОРӢ, нависанда**

# ДОШТАНИ САРВАРИ ДУРАНДЕШУ АДОЛАТГУСТАР НЕЪМАТИ БУЗУРГЕСТ

**Фазлиддин ИКРОМӢ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**16-уми ноябри соли 1994 дар сармақолаи шумораи №93 (716) рӯзномаи «Садои мардум» чунин нигошта шуда буд: «Расо ду сол пеш аз ин 16- уми ноябри соли 1992 Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷандшаҳри бостонӣ барпо гардида, дар кишвари азияткашидаи мо ҳукумати қонуниро таъсис намуд. Намояндагони мардуми ҷумҳурӣ дар ҳамон иҷлосия фарзанди барӯманду фидокори халқ муҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмоновро Раиси Шӯрои Олӣ интихоб намуда буданд.**

Дар Ватани мо адолат ва ҳақиқат ба пирӯзӣ расид. Ҳаёт дурустии роҳи интихобнамудаи Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро нишон дод. Дар Тоҷикистон ҷанги хонумонсӯзи бародаркуш анҷом пазируфт, гурезаҳои иҷборӣ ба ҷойҳои муқимии хеш баргаштанд. Захмҳои пайкари Ватан тадриҷан шифо ёфта истодаанд. Дар иҷрои ин вазифаҳои муҳимтарин ва таърихӣ саҳми Сарвари давлатамон хеле бузург ва фаромӯшнашуданист… Халқҳои Ватанамон шахси арзандатарин ва фарзанди наҷиби миллат муҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмоновро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд».

Ин суханони пур аз меҳру ихлос 29 сол пеш гуфта шуда, дурустии он собит гардид, зеро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаҳои аввали Сарвари давлат интихоб шуданашон дар дили ҳар бинанда умед ба ояндаи некро бедор менамуданд. Ҳамин гуна хушбиниро сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Алӣ Ашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ аз номи ҳамаи кормандони дипломатии давлатҳои муқими Тоҷикистон чунин баён карда буд: «Умедворам, дар шароити бисёр мушкили сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кунунии Тоҷикистон битавонед сарбаландона аз уҳдаи анҷоми вазифа бароед ва ба таҳкими сулҳу оромиш, ваҳдати миллӣ ва пешрафту инкишофи Тоҷикистон муваффақ шавед. Мусалламан, мардуме, ки боварии худро ба Ҷаноби Олӣ, ба унвони аввалин Раиси ҷумҳурӣ интихобшудаи ин кишвар баъд аз истиқлол иброз доштаанд, умедҳои бисёр калоне аз Шумо доранд. Онҳо дар шахси Шумо оромиш, амният, ваҳдат, якпорчагӣ, озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва рифоҳи иқтисодиро мебинанд. Онҳо ба ҳам мужда медиҳанд, ки айёми ғам сипарӣ шуда, субҳи шодӣ фаро расидааст. Мо самимона умедворем, ки таҳти Раёсати ҷумҳурии Шумо буҳрони сахт ва мушкилот барои мардуми шариф, наҷиб ва азияткашидаи Тоҷикистон ба сар ояд ва Шумо битавонед ба иҷрои барномаҳои худатон киштии тӯфонзадаи Тоҷикистонро ба соҳили наҷот бирасонед». («Садои мардум», №94, 19-уми ноябри соли 1994).

Ҳар яки мо шоҳидем, ки ин таманниёти нек 27-уми июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон амалӣ гардида, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ваъдаҳои дар оғози фаъолияти давлатдорӣ додаи худ вафо карданд. Ҷангро хотима бахшида, ба мардум оштии миллиро ҳадя намуданд, давлати демократию ҳуқуқбунёди Тоҷикистон ва ваҳдати миллиро пайваста такмил бахшида, алҳол кишварамонро ба сӯи ободию пешрафт роҳнамоӣ доранд.

Пас аз Сарвари давлат интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми декабри соли 1992 ба Созмони конфронси исломӣ, 18-уми январи соли 1993 ба Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, 6-уми апрели соли 1993 ба ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ шомил шуд. Рейтинги сиёсии Сарвари давлати Тоҷикистон дар минтақа ва ҷаҳон рӯ ба афзоиш ниҳод. Симои нуронии Пешвои миллат аз ояндаи неки кишвар башорат медод. Онвақта Раиси Ҷумҳурии Исломии Покистон Фаррух Аҳмадхони Луғарӣ моҳи ноябри соли 1994 зимни табрикоташ ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таманниёташро чунин изҳор карда буд: «Ҷаноби аълоҳазрат! Табрикоти маро ба муносибати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданатон бипазиред. Мо қаблан ҳам умедвор будем, ки Раиси давлат интихоб шудани Шумо ба истиқрори сулҳу субот дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Покистон қаноатманд аст, ки музокироти тоҷикон таҳти васояти СММ дар Исломобод бомуваффақият анҷом ёфт ва дар натиҷаи он роҷеъ ба муваққатан бас кардани задухӯрдҳои мусаллаҳона ва таъсиси ҳайати муштараки назорати шартҳои созишномаи оташбас аҳду паймон ҳосил гардид.

Мо боварии комил дорем, ки роҳбарияти Тоҷикистон дар бобати идораи давлат таҷриба андӯхта, музокироти сулҳхоҳонаи оғознамудаи Созмони Милали Муттаҳидро бомуваффақият анҷом дода, ба халқи тоҷик имконияти кор карданро барои ободии мамлакати худ фароҳам меорад». («Садои мардум», №94, 19-уми ноябри соли 1994).

Гузашти айём нишон дод, ки орзую умедвориҳои мардум ва сиёсатмадорони хайрхоҳи хориҷӣ амалӣ гардида, аз баракати сарварии хирадмандона ва дурандешонаи Пешвои миллат дар Тоҷикистон сулҳу осоиштагӣ пойдор гардид. Сардори давлат дар Паёми табрикотиашон ба муносибати сесолагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон чунин таъкид намуда буданд: «Сулҳу субот ва ризоияти миллӣ ба халқи тоҷик ба осонӣ муяссар нашудааст. Барои расидан ба ин рӯзи фирӯз моро лозим омад, ки роҳи тӯлонии ноҳамворро тай намоем, мамониятҳои сангинро аз миён бардорем ва мушкилоти гаронро паси сар кунем».

Ҳамагон шоҳидем, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чӣ гуна аз мушкилиҳо наҳаросида, дар натиҷаи фидокорию гузашт карданҳо билохира ба халқи худ сулҳу осоиштагӣ ва шароити хуби зиндагиро фароҳам оварданд. Раиси Созмони тоҷикони Британияи Кабир Саид Ҷалоли Бадахшонӣ ба мардуми Тоҷикистон хитоб карда, чунин гуфтааст: «Шумо дар зиндагии рӯзмарраи худ таҳти роҳбарии Раиси ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон ба як натиҷае расидаед, ки дар дунёи имрӯз беназир аст.

Мамлакате, ки ҷанг фаро гирифта буд, бародаркушӣ ривоҷ дошт, ба як машъали сулҳ, пирӯзӣ ва осоиш табдил шудааст. Дар ҳеҷ ҷои дунё ва ҳеҷ касе то кунун натавонистааст чунин коре бикунад. Шумо худро хурд напиндоред ва Раиси ҷумҳури худро шахсияти ҷаҳонӣ бидонед, зеро таҳти роҳбарии эшон ин матлаб дуруст шудааст».

Дар бораи зери роҳбарии Пешвои миллат тараққӣ кардани ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат муҳаққиқону коршиносони ватанию хориҷӣ зиёд таъкид намудаанд, ки барои ёдовар шудани онҳо даҳ ҷилд китоб ҳам камӣ мекунад. Барои ҳар яки мо хушоянд аст, ки Сардори давлатамонро дар миқёси байналмилалӣ ҳамчун сиёсатмадори дурандеш, сулҳофар ва ояндабин эътироф менамоянд. Аз ҷумла, устоди бахши форсии Донишгоҳи ховаршиносии Панҷоби Покистон, профессор Офтоби Асғар чунин гуфтааст: «Аллома Иқбол интизор буд ва умед мекашид, ки аз Мовароуннаҳр боз нафаре пайдо хоҳад шуд, ки тамоми форс- тоҷик - даризабононро аз нав дар Шарқ муттаҳид менамояд. Имрӯз ман мегӯям, ки он нафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аст…».

Ҳар як неъматеро, ки Худованд ба бандагонаш додааст, шукр намуданро тақозо мекунад. Доштани Сарвари оқилу дурандеш ва адолатгустару маърифатпарвар барои мардуми мо неъмати бузургест. Пас бояд бо ҷонибдорӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат корҳои ободкорию созандагиро вусъат бахшида, Ватани азизамонро пешрафтатар гардонем. Ба қавли Раиси форсизабонони Канада Ишқии Санъатӣ: «Шумо миллати хушбахт ҳастед. Давр (атроф)-и Раиси ҷумҳуриатон Эмомалӣ Раҳмон ҳалқа бизанед, қадри ӯро дониста бошед, зеро ӯст, ки осоиш ва оромии шуморо фароҳам мекунад».

# ПИРӮЗИИ АҚЛИ СОЛИМ ВА ХИРАДИ ДУРБИН

**М. АБДУСАЛОМЗОДА, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Яке аз муҳимтарин масъалаҳои назарияи давлатдорӣ таҳқиқ ва таҳлили сиёсат оид ба ҷавонон мебошад, зеро рушди давлат, амнияти дохилию берунии он ба чигунагии сиёсати ҷавонон вобаста аст. Ҳоло дар ҷаҳон беш аз 1,8 миллиард ҷавонон умр ба сар мебаранд, ки дар таърихи инсоният ин теъдод зиёдтарин мебошад. Қариб 90 дарсади тамоми ҷавонон дар кишварҳои рӯ ба рушд зиндагӣ мекунанд ва қисми бештари аҳолии ин кишварҳоро ташкил медиҳанд.**



Тоҷикистон яке аз кишварҳои аз лиҳози шумораи аҳолӣ ҷавонтарин (70 дарсади аҳолӣ то 30-сола мебошанд) ба шумор рафта, ҷавонони он неруи бузурги мутаҳаррики рушди кишвар мебошанд ва дар рушди соҳаҳои гуногун саҳми назаррас мегузоранд.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти ҷавонон дар сиёсати давлатдорӣ аз масъалаҳои муҳимтарин маҳсуб меёбад. Мавриди зикр аст, ки дар таърихи давлатдории навини тоҷикон ин масъала марҳилаи ҳассосро аз сар гузаронд. Ибтидои солҳои 90-уми асри XX зимни парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ, масоили ҷавонон дар пайи манфиатҳои геополитикӣ сарфи назар гардид. Бинобар фалаҷ шудани сохти конститутсионӣ ва сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бисёр ҷавонон бозичаи дасти гурӯҳҳои манфиатхоҳи зиддимиллӣ шуданд, ки дар ин бора мақолаҳои зиёд ба нашр расидааст. Мо танҳо аҳамияти тақдирсози Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба рушди минбаъдаи ҷумҳурӣ, хоса ҳаёти ҷавонон, ёдрас кардан мехоҳем.

Саҳми Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум), ки 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри «Арбоб»-и шаҳри Хуҷанд доир шуд, ҷиҳати бартараф намудани амалҳои ғаразнок ва монеаҳое, ки барои инкишофи истиқлолияти Тоҷикистон зарур буданд, бузург мебошад. Иҷлосия ва асноди ҳуқуқии он дар ҳифзи давлатдории миллӣ ва инкишофи ниҳодҳои демократӣ нақши муайянкунанда бозид. Вобаста ба ин, суханони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ёд меорем, ки ҳамон замон ироа намуда буданд: «Ҷидду ҷаҳд ва умедвориҳои 5-6 соли охир барои нигоҳ доштани давлати миллии тоҷикон, маҳз дар ҳамин рӯзи саид ҷомаи амал пӯшид. Ман гуфта метавонам, ки насли ҳозираи миллати тоҷик, ҳарчанд аввал пешпо хӯрд, имрӯз пирӯз аст, зеро ин насл тавонист васвасаи аҳриманиро, ки дар зеҳни халқи мо ҷо гирифта буд, аз худ дур андохта, морони заҳҳокиро, ки ҷони ҷавони садҳо ҳазор фарзандони моро қурбон мекарданд, саркӯб созад... Ақли солим ва хиради дурбин пирӯз шуд. Рӯзи фархундае, ки онро дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст, дар ҳамаи оилаҳо интизор будем, фаро расид».

Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ барои рушди минбаъдаи на фақат ҷавонон, балки барои тоҷикону ин миллати озодманиш, ҳамзамон интихоби дурусти роҳбарон аз ҷониби вакилон мебошад. Он шабу рӯз роҳбарияти нави Тоҷикистон пас аз омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият бо мақсади раҳоии кишвар аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ корҳои мақсадноку самаровар оғоз карданд. Дар назди худ вазифаҳои гуногун гузоштанд, ки яке аз онҳо такмил додани қонунгузории миллӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамин тавр, дар таърихи давлатдории халқи тоҷик гардиши нав ба вуҷуд омад. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима ёфт. Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ эълон гардид. Ин фаъолияти неки самарабахш пас аз интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Аз ҳамон замон, сарфи назар аз сахтию нокомиҳо, Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Дар 70-умин рӯзи сарвариашон 2-юми феврали соли 1993 бо ҷавонони ҷумҳурӣ мулоқот намуданд, ки ин нахустин мулоқоти расмии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон маҳсуб меёбад. Президенти ҷумҳуриамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста барои инкишофи соҳаҳои мактабу маориф, илму маърифат, фароҳам овардани шароити мувофиқ барои таҳсилу касбомӯзӣ ва ҳаёти хуби ҷавонон ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Натиҷаи ҳамин ғамхориҳо буд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди муассисаҳои таҳсилоти олию миёна, китобхонаю осорхонаҳо, марказҳои варзишию фароғатӣ сохта, ба ихтиёри ҷавонон вогузор шуданд. Пешвои миллат пайваста дар суханрониҳояшон таъкид менамоянд, ки ҷавонон қувваи бузурги созанда ва ояндаи миллату давлат буда, барои онҳо бояд тамоми шароит фароҳам оварда, ин сиёсат дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бояд ба танзим дароварда шавад.

Дар «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» қайд шудааст: «Ҷавонон объекти манфиатҳои миллию давлатӣ буда, яке аз омилҳои асосии таъмини рушди давлат ва ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Ояндаи наслҳои нав бояд ба таври ногусастанӣ ба вазифаҳои ҳифз, рушд ва эҳёи кишвар алоқаманд бошад. Ҷавонон бояд ворисони аслии таърих ва фарҳангӣ бошанд».

Соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд, ки имрӯз беш аз 257 ҳазор ҷавон, ки 30 дарсади онҳоро духтарон ташкил медиҳанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Барои таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030» қабул гардиданд.

Дастгирии ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатии кор бо ҷавонон, фароҳам овардани шароит барои амалӣ гардидани ҳуқуқҳояшон ва дастгирии имкониятҳои рушди онҳо нақши ҳалкунанда дорад.

Имрӯз ҷавонон дар ҳама соҳа фаъолият мекунанд. Барои боз ҳам баланд бардоштани донишу малакаи ҷавонон, барои ба илму дониш фаро гирифтани онҳо аз ҷониби роҳбарияти давлату Ҳукумат чораҳои муассир андешида мешавад. Таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли ҷавон аст, ки соли 2017 Соли ҷавонон эълон гардида, самтҳои афзалиятноки сиёсати кадрии ҷавонон мавриди омӯзиш қарор гирифт ва кадрҳои ҷавон ба вазифаҳои пурмасъули давлатӣ таъин мешаванд.

Ҳамаи ин пешравиҳо дар асоси амалишавии қарору паёмадҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омаданд, ки моҳияти ин қарору қонунҳо Тоҷикистонро ба истиқрори комили сиёсӣ расонида, ба густариши иқтисодиёти тавоно ва гуногунсоҳа суръат бахшид.

Аз ин лиҳоз, мо - ҷавононро зарур аст, ки ҷавобан ба ҳама дастгирӣ ва ғамхориҳои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пештара бештар саъю кӯшиши худро баҳри донишандӯзӣ, ободию пешрафти сарзамини аҷдодиамон равона созем, марзу буми кишвари хешро ҳимоя созем, парчамбардори Ватан бошем.

# РОҲБАРЕ, КИ ХУДОВАНД ПУШТИБОНИ ӮСТ

**Ба халқе, ки некӣ писандад Худой,**
**Диҳад хусраве оқилу некрой.**

**Таърихи миллат бо зуҳури шахсиятҳо, симоҳои абарқудрати миллӣ оғоз мешавад, зеро маҳз шахсиятҳою симоҳо рисолати таърихсозӣ доранд ва онҳо таърихи миллатро месозанд. Ин аст, ки ҷаҳону ҷаҳониён миллатро, пеш аз ҳама, бо симоҳои абарқудраташ мешиносанд ва абарқудратҳо ба оламиён тавъам бо худ халқу миллати хешро низ муаррифӣ мекунанд.**



Зуҳури чунин шахсиятҳои барҷастаи таърихсоз, ба ин ё он ҳодисаҳои бузурги таърихӣ ва ё санаҳои сарнавиштсози миллату давлат тавъам мебошанд. Агар Истиқлолияти давлатӣ, ки санаи 9-уми сентябри соли 1991 эълон гардид, волотарин дастоварди миллати тоҷик дар тӯли ҳазор соли охир маҳсуб ёбад, дастоварди муҳимтарин ва тақдирсози он дар таърихи нави давлатдории миллӣ ин аз ҷониби вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум), ки ҷаласаи он дар шароити басо душвори иҷтимоию сиёсӣ, фалаҷгардии рукнҳои давлатдорӣ ва авҷи ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ баргузор гардида буд, интихоб гардидани фарзонафарзанди миллати тамаддунофари тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Интихоб гардидани роҳбари ҷавон, ки ғаюрию қавииродагӣ, шуҷоату мардонагӣ, хирадмандию ояндасозӣ дар ниҳоди ӯ шуъла мезад, эътимоду эътиқод ва боварии мардуми тоҷикро ба ояндаи неку дурахшон пайдо намуд.

Ба даст гирифтани зимоми давлатдорӣ аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давраи ҳассостарини таърихи миллат рост омад, замоне буд, ки Тоҷикистон дар вартаи нобудӣ қарор дошту бенизомию бесуботӣ дар ҳар як гӯшаю канори кишвар ба чашм мерасид ва Ватани маҳбуби мо дар буҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ рӯ ба рӯ гардида буд.

Бо дарки масъулияти баланди таърихӣ дар назди ҳар як сокини Тоҷикистон, тақдири ояндаи миллати тоҷик ва давлатдории он Сарвари давлат, ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ бо ҳисси волои миллӣ, бо такя ба хиради азалӣ ва пуштибонии мардуми Тоҷикистон, тамоми донишу малака, қувваю неруи худро, пеш аз ҳама, барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии Тоҷикистон ва хомӯш намудани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ равона сохта, барои мустаҳкам намудани аркони давлатдорӣ камар бастанд.

Яке аз иқдомоти аввалини Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз роҳбари худодод ва дурандешу хирадманд буданашон дарак дод, муроҷиат ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 1992 ба халқи шарифи Тоҷикистон мебошад. Дар тӯли камтар аз як моҳ таҳия намудани мақсаду маром ва ҳадафҳои неку созанда ва бунёдкорона, ба инобат гирифтани манфиати тамоми кишрҳои ҷомеа ва дарки амиқи вазъият аз ҷониби Сарвари давлат ва манзур намудани он ба ҳайси муроҷиатнома на танҳо мардуми Тоҷикистон, балки тамоми ҷаҳониён аз хиради воло, ҳисси баланди ватандорӣ, қобилияти фавқулодаи давлатсозӣ ва иродаи мустаҳками Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон огоҳ шуданд. Ин муроҷиатномаро метавон ҳамчун як барномаи мукаммали рушди давлатдорӣ ва давлатсозӣ, раванди баромадан аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ эътироф намуд. Агар ҳар яке аз мо воқеъбинонаю холисона нахустин муроҷиатномаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мавриди таҳлил қарор диҳем, бебаҳс ба хулосае меоем, ки воқеан Худованд Сарвареро ба миллати мо насиб донист, ки аз пуштибонии Ӯ бархӯрдор мебошад, зеро ҳар як банди ин муроҷиатнома, ки амалисозии он, пеш аз ҳама, ба дӯши Пешвои миллат вогузор шуда буд, дар замони эълони он амалинашавандаеро мемонд.

Дар ин радиф метавон аз барқарор намудани ҳокимият ва мақомоти идоракунӣ дар тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон ва таъмин намудани кори пурмасъулияти онҳо, инчунин барқарор намудани сохтори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ёдовар шуд. Маҳз, тавассути амалисозии ин нуқтаи муроҷиатнома, ки аз талошу пайгириҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медод, давлати миллии мо аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт.

Ноил шудан ба ин ҳадафҳо ҷавонмардию ҷоннисориро талаб менамуд, ки на ҳама ба он қодир ва омода буданд, вале Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаҳои аввалини роҳбарӣ омода будани худро ба ҷоннисорӣ ба хотири ояндаи дурахшони Ватан иброз намуда, бо нияти нек, ҷасурона ва бо азми қавӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои созандаи хеш қадам ниҳоданд.

Бо назардошти фалаҷ гаштани фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла бархе аз сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, масъалаи таъсис ва эҳёи низоми мукаммал ва аркони давлатдорӣ ва ниҳодҳои он ба миён омада буд. Новобаста аз холӣ будани хазинаи давлат, ки маблағгузориро тақозо менамуд, Пешвои миллат тавонистанд, мақомоти давлатиро барқарор намуда, ниҳодҳои фалаҷшударо эҳё намоянд. Дар ин самт метавон аз таъсиси Артиши миллӣ, мақомоти судӣ, парлумони касбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ ва ғайра ёдовар шуд, ки барои ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҷомеа ва давлат, якпорчагии Тоҷикистони азиз фаъолияти пурсамар доранд.

Маҳз, бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд ва роҳандозӣ намудани механизми давлат тавонист шароити мусоидро ба фаъолияти муназзами аркони давлатдорӣ таъмин намояд. Дар доираи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва низоми «тавозун ва нигоҳдошт» бунёд намудани низоми комили давлатдорӣ боиси таъмини суботи сиёсӣ ва оромӣ дар кишвар гардид, ки он аз малакаи баланди давлатсозӣ шаҳодат медиҳад.

Новобаста аз вазъияти нооромии дохилӣ ва беруна, аз ҷумла дар давлати Афғонистон, бо шарофати иродаи мустаҳками Пешвои миллат барои баргардонидани беш аз як миллион гурезаҳо ба манзилҳои худ, таъмини онҳо бо хӯрокворию сарулибос, таъмини бехатарии онҳо пайваста ва муттасил чораҳои судманд андешида шуданд, ки дар он замон анҷом додани чунин масъулият ғайриимкон буд. Хушбахтона, дар як марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ ин нияти нек, корнамоии бемислу беҳамтои Пешвои миллат амалӣ гардид.

Пешвои миллат, ки амиқан ҷонибдори дар доираи меъёрҳои қонун фаъолият намудани тамоми мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва мардум буданд, зарурияти роҳандозӣ ва амалисозии ислоҳоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла ислоҳоти конститутсиониро бо ба назар гирифтани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба хубӣ дарк намуда, ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани худро изҳор намуданд. Маҳз, ин дидгоҳ ва мавқеи Пешвои миллат маҳаки муайянкунандаи самти ояндаи рушди давлатдории муосири Тоҷикистон гардида, минбаъд дар моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардид. Пешвои миллат ҳамчун роҳбари Комиссия оид ба тайёр намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намуданд, ки бо назардошти дастовардҳои ҳуқуқи башар андеша ва мавқеи инсондӯстонаи худро ҳамчун ҷавҳари асосии давлатдорӣ дар меъёрҳои Конститутсия ифода намуда, ба мардум манзур созанд. Қайд намудан бамаврид аст, ки Пешвои миллат зимни фаъолияти комиссияи мазкур таваҷҷуҳи худро ба он таклифу пешниҳодҳое равона менамуданд, ки онҳо ифодакунандаи манфиатҳои миллӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ ва пешрафти ҷомеа бошанд. Чунин муносибати ҷиддии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба лоиҳаи ин ҳуҷҷати сарнавиштсозу бунёдӣ буд, ки он аз ҷониби мардуми кишвар аз тариқи раъйпурсӣ қабул гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими сулҳу субот, ба даст омадани ваҳдати миллии сартосарӣ, ташаккули падидаҳо ва ниҳодҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд нақши муассир гузошт.

Дар ин радиф, месазад, ки аз дигар корномаи ҷовидонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд, ки ҳам оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро бо тамоми мушкилоти вобаста ба он ҳаллу фасл ва бартараф намоянд ва ҳам ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангии ҷумҳуриро ба як маҷрои созгор ба талаботи нав равона созанд. Дуруст муайян кардани стратегия ва дурнамои рушд, бунёди давлати навин, ҳифзи манфиатҳои миллӣ-фарҳангӣ, динӣ-эътиқодӣ ва зина ба зина бартараф кардани монеа ва хатарҳои пешрафти ҷомеа миллати тоҷикро ба рӯзи ваҳдату якдилии саросарӣ ва сапедадами тасвиби Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон расонид, ки ибтидои он, маҳз аз фалсафаи ваҳдатофаринии Пешвои миллат зимни савгандёдкунии эшон дар Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Раванди ноил шудан ба ризоияти миллӣ басо душвор ва пурпечутоб буд, ки марбут ба раванди он тавассути воситаҳои ахбори омма иттилои бештарро метавон пайдо намуд. Дар ин давра маҳз самимияти баланди инсонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қобилияти баланди ташкилотчигии худодод ва дурандешии эшон, боло гузоштани манфиатҳои миллӣ аз ҳама гуна дигар арзишҳо, нигоҳдошт, таъмин ва ҳифзии якпорчагии Ватани маҳбуб боис гардид, ки ин созишнома ба тасвиб расад. Метавон иброз намуд, ки оғоз ва ибтидои раванди барқарорсозӣ ва ободкориҳои кишвар, осудагии мардум ва саодату пешрафти Ватан бо ин санади тақдирсоз тавъам мебошад.

Муҳимтар аз ҳама, дар давраи ниҳоят ҳассосе, ки мардуми кишвар пас аз итмоми даргириҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо он рӯ ба рӯ гардид, ин таъмини аҳолии кишвар бо озуқа буд. Ба хотири дастгирии мардуми кишвар ва таъмини онҳо ба озуқа тасмим ва ташаббуси инсондӯстона, мардумпарварона ва саривақтии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси тақсим намудани 75 ҳазор гектар замин ба аҳолии деҳот боис гардид, ки мардуми кишвар, алалхусус мардуми деҳот, ба гуруснагӣ рӯ ба рӯ нагашта, бо озуқа таъмин шаванд. Чунин тасмими оқилона боиси давра ба давра коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатии мардум низ гардид. Чунин ташаббуси хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи давлатҳои пасошӯравӣ беназир мебошад.

Дар хусуси фаъолияти гуногунҷанбаи густурда, муваффақ ва созандаи Пешвои миллат бо итминони комил метавон қайд намуд, ки таълифи садҳо асар наметавонад тамоми паҳлуҳои фаъолияти эшонро марбут ба давлатсозию давлатдорӣ, фаъолияти муваффақи байналмилалӣ, ободкорию созандагӣ, эҳёи суннатҳои миллӣ, гиромидошти фарзандони барӯманди миллати тоҷик, пуштибонӣ аз арзишҳои динӣ ва миллӣ, бунёди иншооти беназир ва ғайра ифода намояд.

Дар робита ба муқаррар гардидани 16-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон гуфт, ки ин санаи рамзӣ ба хотири эҳтироми хизматҳои беназири таърихии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди миллати фарҳангсолору тамаддунсози тоҷик буда, месазад, ки ҳама рӯзи солро бо эътиқоду арҷгузорӣ ба фаъолияти густурда ва муваффақи шабонарӯзии Президенти маҳбуби мардумӣ, ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил намуда, дар атрофи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати хирадмандонаи эшон сарҷамъ бошем ва бо масъулияти том барои пешрафту ободии Тоҷикистони соҳибистиқлоламон содиқонаю софдилона меҳнат намоем.

Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як фарди тоҷик ва тоҷикистонӣ муборак бод!

**Абдуғаффор ҒАФУРИЁН,**
**прокурори Раёсати Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**мушовири адлияи дараҷаи 1,**

**Хайрулло МИРЗАМОНЗОДА,**
**директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди ДМТ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор**

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти олии ҳокимияти давлатии мамлакат мавқеи махсус ва ҳалкунанда дорад, зеро мувофиқи моддаи 64-уми Конститутсияи мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.**

# БО ТАШАББУСИ ПРЕЗИДЕНТ ҚОНУНИ АВФ 18 МАРОТИБА ҚАБУЛ ШУД

Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тамоми тадбирҳоро меандешанд. Аз ҷумла, ҳар сол дар паёмҳояшон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегарданд, оид ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пайваста таъкид месозанд ва барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таклифу пешниҳодҳои судманди қонунгузорӣ манзур менамоянд. Ҳамчунин, мувофиқи моддаҳои 58 ва 59-и Конститутсияи мамлакат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаҳои қонунҳо, аз ҷумла қонунҳо дар бораи авфро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

Мувофиқи моддаи 18-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад ва ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истисноi ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин.

Дар алоқамандӣ ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 30-юми апрели соли 2004 махсус иброз доштанд, ки дар тӯли таърихи башар масъалаи эътироф, ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлатҳои демократӣ қарор дошт. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф шудааст. Бо назардошти ин меъёри умумибашарӣ соли 2003 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд, ки он ба меъёрҳои башардӯстӣ асос ёфтааст. Муҳимтарин тағйирот дар ин самт аз он иборат аст, ки татбиқи ҷазои қатл дар кишвари мо қатъиян маҳдуд карда шудааст. Агар мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми августи соли 1961, ки то соли 1998 амал мекард, дар 44 маврид ва тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон



аз 21-уми майи соли 1998 дар 15 маврид ҷазои қатл пешбинӣ шуда бошад, пас тибқи тағйиру иловаҳое, ки соли 2003 ба Кодекси ҷиноятӣ ворид карда шуданд, ин намуди ҷазо танҳо дар панҷ маврид пешбинӣ гардид.

Дар Паёми зикргардида таъкид ба амал оварда шуд, ки маҳдуд намудани ҷазои қатл амали хеле назаррас аст, аммо нисбат ба ҳаёти инсон бояд муносибати башардӯстона сурат гирад. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ ва дахлнопазир буда, дар миёни онҳо ҳуқуқ ба ҳаёт мавқеи хоса дорад. Воқеан, ҳаққи ҳаёт арзиши табиӣ буда, ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад касеро аз он маҳрум созад. Аз ин лиҳоз, Президенти мамлакат пешниҳод карданд, ки ба татбиқи ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моратория эълон карда шавад ва дастур доданд, ки бо мақсади таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, дар муҳлати кӯтоҳ санадҳои зарурӣ таҳия гарданд.

Барои амалӣ намудани дастуру супоришҳои дар ҳамин Паём зикршуда лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» таҳия гардида, 7-уми майи соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонуни мазкурро ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд. Дар натиҷа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулу ҷонибдорӣ шуда, 15-уми июли соли 2004 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид.

Қонуни мазкур аз 2 модда иборат буда, мувофиқи моддаи 1-уми он татбиқи ҷазо дар шакли ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 104 қисми 2, 138 қисми 3, 179 қисми 3, 398 ва 399-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, инчунин иҷрои ҷазои қатл ва дигар қоидаҳои вобаста ба он, ки дар моддаҳои 19, 21, 23, 25, 78, 100, 127, 129, 131, 133, 214-222-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, боздошта шуда, дар давраи боздоштани татбиқи ҷазои қатл ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 25 сол муайян гардид.

Хотирнишон бояд сохт, ки дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат, маҳз бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ зиёда аз 18 маротиба қонун дар бораи авф қабул шуда, дар асоси онҳо зиёда аз сад ҳазор шахсоне, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир намудаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва адои ҷазо озод шуда, ба ҳаёти осуда баргаштанд. Ҳамчунин, 30-юми октябри соли 2020 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд» дар асоси принсипҳои инсондӯстона, меҳру шафқат, ғамхорӣ ба оила ва кӯдакону наврасон 378 маҳкумшударо бахшида, онҳоро аз адои минбаъдаи ҷазо озод намуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви фаъоли санадҳои байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи инсон, аз қабили Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва ғайра буда, ҷиҳати татбиқи онҳо чораҳои амалӣ меандешад. Зимнан, 22-юми марти соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бинои Созмони Милали Муттаҳид барои ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон имзо гузоштанд. Конвенсия оид ба ҳуқуқи маъюбон аз тарафи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 13-уми декабри соли 2006 қабул гардида, 3-юми майи соли 2008 баъд аз ҷониби 20 давлати дунё тарафдорӣ ёфтан эътибори қонунӣ пайдо намуд. То моҳи октябри соли 2023 -юм 188 кишвари олам ва Иттиҳоди Аврупо иштирокчии конвенсияи мазкур мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд заминаҳои ташкилию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Чунончи, бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар ниҳодҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, фаъолият доранд, ки онҳо дар таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, эҳтиром, риоя, ҳифз ва пешрафти ҳуқуқу озодиҳои кӯдак дар кишвар нақши муҳимро ифо менамоянд.

Инчунин, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 20-уми марти соли 2008), «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» (аз 18-уми марти соли 2015), «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (аз 1-уми марти соли 2005), «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (аз 19-уми марти соли 2013), «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» (аз 19-уми июли соли 2022) ва ғайра қабул шудаанд.

Илова бар ин, дар мамлакат як қатор ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самти ҳуқуқи инсон бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, ки «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 - 2023» (аз 3-юми майи соли 2014), «Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 2-юми июли соли 2015), «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» (аз 27-уми ноябри соли 2019), «Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024» (аз 30-юми июли соли 2020), «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026» (аз 30-юми июли соли 2021), «Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027» (аз 30-юми июни соли 2023) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2023 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» тасдиқ карда шуд, ки ин иқдоми навбатии Ҳукумати кишвар дар самти рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мамлакат ба шумор меравад. Стратегияи зикршуда тамоми нақшаҳои миллии мавҷуда марбут ба иҷрои тавсияҳои ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид доир ба ҳуқуқи инсон ва ҳуҷҷатҳои дигари самти ҳуқуқи инсонро дар худ таҷассум намуда, механизм ва расмиёти иҷрои уҳдадориҳои байналмилалиро дар самти ҳуқуқи инсон такмил мебахшад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бениҳоят муҳим мебошад, зеро сиёсати хирадмандона ва инсондӯстонаи Пешвои миллат ҷиҳати эътирофу эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди неруи инсонӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ба ҳар як сокини кишвар равона шудааст.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# СИМОИ БАЛАНДМАҚОМИ ҶОМЕА

**Лозим ба ёдоварист, ки соли 2019 Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мамлакат дар Анҷумани навбатии хеш Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ карданд. Иттифоқҳои касаба ташкилоти ихтиёрӣ буда, меҳнаткашонро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва манфиатҳои аъзои худ муттаҳид кардааст. Рисолати ин ташкилоти ҷамъиятӣ ҳимояи манфиати синфи коргар-шароити меҳнат, музди меҳнат, зиндагии шоиста ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки маҳз ҷомеаҳои меҳнатӣ-синфи коргар фаъолияти роҳбарро баҳои ҳаққонӣ медиҳанд ва Пешвои миллати хешро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунанд.**

Бояд гуфт, ки Пешвои миллат симои баландмақоми ҷомеа буда, ба он мекӯшад ва тамоми чораҳои имконпазирро меандешад, то ки шаҳрвандони кишвараш зиндагии шоиста дошта бошанд.

Аз қадимулайём оини давлатдорӣ чунин аст, ки дар шароити бархӯрди тамаддунҳо, манфиату ҷаҳонишавии ҷомеа кишварҳо муҳтоҷи Пешвои расман шинохташуда мегарданд, яъне, кадоме ки халқ ӯро пайравӣ кунад. Мо аз тарҷумаи ҳоли муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб медонем, ки то интихоб шудан ба ҳайси Роҳбари давлат худро ҳамчун сарвари уҳдабарою масъулиятшиноси ҷомеаҳои хурди меҳнатӣ нишон додаанд. Баъдан, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба он кас муяссар шуд, ки ҷонибҳои даргирро ба ҳам муттаҳид созанд ва онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят кунанд.

Пешвои миллат замоне ба сари қудрат омаданд, ки Тоҷикистони навистиқлол рӯзҳои сахту сангини барқароршавии давлатро паси сар мекард. Маҳз, он рӯзҳо Тоҷикистони азияткашида ба роҳбари андешаю тафаккураш нав, ҷаҳонбиниаш васеъ, зеҳни тез, ки қобили бунёди давлати навини ҷавобгӯ ба меъёру талаботи байналмилалӣ буда, қувваҳои солимро муттаҳид созад, ваҳдати минтақаҳоро таъмин ва парокандагию буҳрони иқтисодиро боздорад, муҳтоҷ буд.

Воқеан ҳам, Пешвои ҳақиқӣ-шакли эътирофи мақоми роҳбарони сиёсии барҷастаю бузург ба ҳисоб рафта, нақши ҳидоятгари халқу миллати худро мебозад, ки масъулияти тамоми рӯйдоду воқеоти кишвар ба зиммаи ӯст. Масалан, раванди барқароршавии сулҳу ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут дониста мешавад.

Роҳбари олимақоми давлати мо ба хориқаи Пешвогии худ қобилияти фавқулода доранд, ки ин хислаташон дар давраҳои гузариши ҳаёти ҷомеа, модернизатсиякунӣ, ислоҳот ё паси сар намудани буҳрони умумимиллӣ бештар зуҳур мекунад. Хусусан, ин гуна хислатҳо айни ҳол заруранд, ки имрӯз ҷаҳонро буҳрони сиёсӣ, талош байни давлатҳои абарқудрат, азнавтақсимкунии сайёра, таҳдиди терроризм, ҷангҳои гибридӣ ва бозиҳои сиёсӣ фаро гирифтааст. Аниқтараш, дар ҳаёти сиёсӣ нақши асосӣ ба дӯши роҳбарони дорои хислатҳои фавқулода вогузор мегардад, ки ба ҷомеа тағйироти иҷтимоӣ ворид сохта, дар давраҳои бухронӣ мардумро дар атрофи худ муттаҳид месозанд. Масалан, солҳои 90-уми қарни гузашта ба ҷумҳурии мо Худованд фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сари кор овард, ки дар ниҳоят бо ҷонфидоии худ оташи ҷанги шаҳрвандиро дар қаламрави кишвар хомӯш намуданд.

Имрӯз бошад, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати олӣ - кафили адолат, риояи қонуният ва тартибот мебошанд, ки далели Пешвои ҳақиқии миллати тоҷик буданашон аст. Дар ҷумҳурии мо дар рӯзҳои даргири сиёсӣ тақдир ба Пешвои миллат рисолати сулҳофарӣ, дастгирии табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла қувваҳои мухолифину сиёсӣ ва табақаи васеи ҷомеа аз минтақаҳои гуногуни мамлакатро, ато фармуд.

Воқеан ҳам, нишони муҳими Пешвои сиёсӣ дар назари интихобкунандагон чунин аст, ки кӯшишу заҳмати ӯ баҳри беҳдошти рӯзгори мардум буда, дарди ҷомеаро дарди худ пиндорад, бо як сухан дардошнои мардум бошад. Боиси тазаккур аст, ки ин гуна хислатҳо хоси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки амалан ҳар ҳафта ба минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ сафарҳои корӣ анҷом дода, аз ҳоли халқашон хабар мегиранд, бо онҳо аз наздик суҳбат карда, ба арзу дархосташон гӯш меандозанд. Ин гуна сафарҳо одӣ нестанд. Ҳар сафари Пешвои миллат дорои нақшаҳои азими созандагию бунёдкорист. Маҳз, дар ин сафарҳояшон ба шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти кишвар даҳҳо иншооти ҳаётан муҳими таъиноташон гуногун ба истифода дода мешаванд.

Аҳолии мамлакат дар навбати худ ба ҳар даъвату ташаббусҳои Президенти мамлакат ҳамовоз гардида, пайрави сиёсати созандаю бунёдкоронаи Роҳбари олимақоми хеш мегарданд. Ногуфта намонад, ки хислати муҳиму зарур барои Президент хоксорӣ, бо халқ наздик будан, ҳисси муҳаббат ба халқу Ватани худ доштан аст. Дар ин радиф дар эътирофу маҳбуби ҳамватанони худ гардидани Пешвои миллат аз байни халқи одӣ баромадан, мутахассиси олидараҷаи соҳаи кишоварзӣ будан ва хуб донистани иқтисодиёт нақши муҳимро бозидааст, зеро дар шароити ҷумҳурии мо, ки соҳаи асосиаш агросаноатӣ аст, доро будани таҷрибаи хоҷагидорӣ ба Роҳбари олимақоми давлат обрӯю нуфузашонро байни мардум боз ҳам боло бардоштааст.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дорои хислату маҳорат ва малакаҳое, ба монанди масъулиятшиносӣ, боварӣ ба худу дигарон, муайян карда тавонистани афзалият ва ғайраанд. Ин хислату қобилияти пешвогии Роҳбари олимақоми давлат, ки дар фаъолияти давлатдориашон санҷида шудаанд, байни сиёсатмадорони дунё обрӯю нуфузашонро боз ҳам баланд бардоштааст.

Хоси табиати инсон аст, ки Пешвои беҳтаринро халқ интихоб мекунад. Халқи тоҷик интихоби дурусту дақиқро барои ояндаи худ, бо назардошти таҷрибаи пешин бо эҳсоси амнияту ободии рӯзгори худ ба ҷо оварду хато накард. Шаҳрвандони мамлакат бо интихоби Пешвои миллат кафолати боэътимодро, бобати он ки ояндаи онҳо ва фарзандонашон дар дасти инсони боваринок аст, ба даст овардаанд. Мардуми сарбаланди Тоҷикистон новобаста аз миллату халқият ва дину оин бо арҷгузорӣ ба заҳматҳои Пешвои миллат дар таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, амният дар қаламрави мамлакат Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо тамоми ҳастӣ самимона дӯст медоранд ва эҳтиром мекунанд.

**Аслиддин ПӮЛОДОВ,**
**доктори илми фалсафа, устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

# ДАРСИ ШУҶОАТ ВА МАТОНАТ

**Депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати XII (солҳои 1990 -1995), узви Шӯрои ҷумҳуриҳои Шӯрои Олии ИҶШС даъвати I (солҳои 1991- 1992), вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати I (солҳои 1995-2000), иштирокчии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники мустаъфии амнияти Раҳмонқул Атоев аз зумраи нафаронест, ки аз рӯзҳои аввали фаъолият дар сафарҳои гуногун Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамроҳӣ намудааст. Яке аз онҳо нахустин сафари расмии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Роҳбари давлат ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон буд. Р.Атоев ин сафари Пешвои миллатро дарси шуҷоат ва матонат мешуморад.**



- Душвориҳо ва дарду алами мардум дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба ҳама маълум аст, - изҳор дошт Р. Атоев. - Бисёр ҳамдиёрони мо барои нафаси ҷони хеш тарки манзил намуда, ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон, фирор карданд. Хатари поширии мамлакат вуҷуд дошт, вале баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ ва Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани фарзанди фарзонаи миллат, марди якрӯю дилсӯзи халқ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дили мардуми ҷангзада оташи умедро фурӯзон намуд.

«Ман ба шумо сулҳ меорам!» Ин сухани Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосия оғози фаъолияти ин марди накном дар роҳи пуршебу фарози ва пур аз хатари истиқрори сулҳ ва сулҳу ваҳдат гардид. Имрӯз ҳамчун афсари мустаъфии амнияти пеши чашмони матонати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сари таъзим фуруд меорам.

Бале, барои афсаре, ки ҳаёти хешро ба хизмати Ватан бахшидааст, чунин сухан гуфтан шояд ғайримуқаррарӣ бошад, вале ҷасорату матонати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеан борҳо маро ба ҳайрат оварда, ба маънои том шоёни таҳсину эҳтиромаст.



Пас аз поширии Иттиҳоди Шӯравӣ зиёда аз 1344 км сарҳади кишвари соҳибистиқлолгаштаи мо бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон қариб, ки бесоҳиб монд. Соли 1992 дар ин кишвар Наҷибулло барканор шуда, муҷоҳидин ба сари қудрат омаданд. Сарҳадшиканӣ ба хотири қочоқи аслиҳа ва маводи мухаддир афзуд. Қочоқчиён бар ивази аслиҳа ва маводи мухаддир аз кишвари мо маҳсулоти хӯроквори, сӯзишворӣ ва сохтмони саноатиро ба Афғонистон мебурданд. Он айём сарҳади моро асосан марзбонони Федератсияи Россия ҳифз менамуданд.

Баробари фирориёни иҷборӣ гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин низ дар Афғонистон паноҳ бурда, бо дастгирии Ҳизби исломии Афғонистон ва ҳаракатҳои дигари сиёсии ин кишвар зиёда аз 20 лагери ҳарбӣ ташкил намуданд. Чунин вазъ Сарвари дурандеши моро ором гузошта наметавонист. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ҷиҳати пешгирии иғвои дасиса ба роҳбарияти ИДМ, пеш аз ҳама, ба Федератсияи Россия муроҷиат намуданд. Моҳи майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд мулоқоти сарони давлатҳои ИДМ баргузор гардид. Дар доираи он вобаста ба таъмини амнияти кишварҳои аъзои ИДМ созишномаҳо ба имзо расиданд, ки тибқи он кишварҳои аъзои ИДМ бояд ҷиҳати ҳифзи сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон ҳамаҷониба кумак мекарданд, вале вазъи иқтисодию сиёсии кишварҳо имкон намедод, ки ба таври зарурӣ кумак расонанд. Бинобар ин, зимни задухӯрдҳо бо гурӯҳҳои мусаллаҳ сарҳадбонони зиёд кушта ва захмӣ гардиданд. Хавфи ҷанги нав бо иштироки Федератсияи Россия ба вуҷуд омад. 10-уми августи соли 1993 дар шаҳри Душанбе вазири умури хориҷии Афғонистон Ҳидоят Амин Арсало аз номи ҳукумати мамлакаташ талаб намуд, ки сарҳадбонони рус аз қаламрави Тоҷикистон баровварда шаванд.

Ин мулоқот дар рӯзҳое ба вуқӯъ пайваст, ки дар ноҳияи Дарвоз чор сарҳадбони рус ва як қазоқ аз ҷониби гурӯҳи мусаллаҳи афғон гаравгон гирифта шуданд.

Пеш аз бозгашт ба ватанаш вазири умури хориҷии Афғонистон Ҳ. А. Арсало аз Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хост бо сафари расмӣ ба Афғонистон ташриф оранд. Он рӯзҳо дар Кобул ҷанг идома дошт, вале Ҷаноби Олӣ бидуни дудилагӣ охирҳои моҳи август бо ҳайати бонуфуз ба ин шаҳр сафар намуданд. Ба ин ҳайат ман, мушовири давлатӣ оид ба сиёсати байналмилалӣ ва хориҷӣ К. Юлдошев, вазири бехатарии ҷумҳурӣ С. Зуҳуров, вазири корҳои хориҷӣ Р. Олимов, мушовири давлатӣ, С.Мирзошоев, мудири шуъбаи коргузории Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ Р. Мирзоев ҳамчунин, муҳофизон, хабарнигорони радио ва телевизиони ҷумҳурӣ шомил будем.

Ҳавопайморо шодравон М. Мастонгулов идора мекард. Ба фазои ҳавоии шаҳри Кобул расидем. Ҳама орому осуда менишастанд. Ман аз тирезаи ҳавопаймо мушоҳида намудам, ки чанд маротиба аз болои теппае мегузаштем, ки дар он силоҳи зиддиҳавоӣ гузошта шуда буд. Пас аз лаҳзае боз он теппа намудор гашт. Фаҳмидан душвор набуд, ки ҳавопаймои мо дар атрофи фурудгоҳи Кобул давр мезанад. Ғайриихтиёр ҷониби Пешвои миллат нигоҳ кардам. Ботамкину ором нишаста буданд. Ҳамин лаҳза яке аз сарнишинони ҳавопаймо ба Ҷаноби Олӣ наздик шуда, вазъиятро фаҳмонд. Интизор будам, ки ба таҳлука афтода, шояд фармон диҳанд, ки бозпас гардем, зеро ҳар гуна иттифоқ рух доданаш мумкин буд, вале дар ваҷоҳати Пешвои миллат дигаргуние ба вуҷуд наомад...

Ҳавопаймо боз чанд маротиба болои он теппа чарх зад. Ногоҳ худи М.Мастонгулов аз кабина берун омад. Хеле нороҳат ба назар мерасид. Ӯ ба ҳама фаҳмонд, ки дар хати фурудоии майдони ҳавоии Кобул чанд танк ва зиреҳпӯш гузошта шудааст ва имкони нишастани ҳавопаймо вуҷуд надорад...

Ин лаҳза бори дигар ҷасорату нотарсии Пешвои миллат маро ба ҳайрат овард. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оромона гуфтанд: «...Бигзор донанд, ки ман пас намегардам. Мебинем кӣ дар қавлаш устувортар!».

Дигар аъзои ҳайати расмиро тарсу таҳлука фаро гирифт. «Парвардигори якто, моро дар паноҳат нигоҳ дор!» гуфтам ман...

Баъд аз 11 маротиба дар атрофи фурудгоҳ чарх задан, ҳавопаймо суръати парвозро суст намуда, поён омад. Майдони ҳавоиро аз танку зиреҳпӯшҳо тоза кардаанду бо қатраҳои охирини маводи сӯхт тайёра ба замин нишаст. Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қаноатмандона табассум карданд...

Моро Президенти Афғонистон, профессор Бурҳониддин Раббонӣ ва Қаҳрамони миллии Афғонистон, вазири дифоъ Аҳмадшоҳи Масъуд хуш пазирой намуданд. Гуфтушунид тӯлонӣ буд. Дар баъзеи онҳо С.Мирзошоев, С.Зуҳуров ва Р. Олимов низ ширкат намуданд.

Субҳи сеюми сафар табъи Пешвои миллат нисбат ба ду рӯзи аввал хеле болидатар буд. Моро ба толори васеъ ва зебои қасри президент даъват намуданд. Муҳтарам Бурҳониддин Раббонӣ дар ҳузури намояндагони Ҳукумати Афғонистон ва воситаҳои ахбори омма бо камоли эҳтироми самимият панҷ марзбони гаравгонгирифташударо ба Пешвои миллат супориданд. Ҳаяҷону хурсандии мо - аъзои ҳайати расмиро ҳадду канор набуд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини амнияти марзбонони моро мувассаф намуданд, гарчанд устод Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳ Масъуд тамоми тадбирҳоро роҳандозӣ намуда буданд. Дар роҳ, зимни ҷониби майдони ҳавоӣ омадан баъзе ҳодисаҳо рух доданд, хушбахтона ҳайат сиҳату саломат ба тайёра расиданд. Моро ҳамчун бародар ва дӯст гусел намуданд.

Дар Фурудгоҳи шаҳри Душанбе Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марзбононро ба намояндагони Сафорати Федератсияи Россия дар Тоҷикистон супурданд.

Ин яке аз дастовардҳои арзандаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ба беҳтар гардидани робитаи мамлакати мо бо Федератсияи Россия мусоидат намуд. Ин сафар устуворӣ, шуҷоат ва матонати Пешвои миллат дар роҳи расидан ба ҳадафро ба маъраз гузошт.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

**Имсол Ҷумҳурии Тоҷикистон масири 32 соли Истиқлолияти давлатиро бо сулҳу ваҳдати миллӣ паси сар намуд ва таҷрибаи сулҳи тоҷикон минбаъд ҳамчун таҷрибаи нодири расидан ба сулҳу субот эътироф гардида, дар байни давлатҳои ҷаҳон омӯхта мешавад. Тӯли ин муддат кишвари мо раванди қонунгузории миллии худро бунёд намуда, низоми самараноки мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судиро ташкилу такмил дода, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳоро мустаҳкам намуд. Бояд гуфт, ки ин ҳама маҳсули заҳматҳои шоистаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад, ки мо ба чунин дастовардҳо ноил гардидем.**

# ПОСДОРИ ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ ДИРӮЗУ ИМРӮЗИ МИЛЛАТ

Воқеан ҳам, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ бо мавқеи устувор ва матонати беназир, посдории таърих ва тамаддуну фарҳанги куҳанбунёди дирӯзу имрӯзи миллатамон на танҳо халқи тоҷикро ба оромию осоиштагӣ расониданд, балки дар суботи минтақа низ саҳми бузург гузоштанд. Маҳз, хизматҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки пас аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 14-уми майи соли 2016 дар мамлакат 16-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд ва он ҳамасола бо фарогирии барномаҳои муҳими сиёсию ҳуқуқӣ дар саросари мамлакат таҷлил карда мешавад. Бо қабули ин қонун оид ба ҷашн гирифтан дар санаи 16-уми ноябр Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бамаврид аст, зеро 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити барои миллати тоҷик ниҳоят ҳассосу мушкил ва сарнавиштсоз доир гардида, дар иҷлосияи тақдирсоз Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби вакилон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар соли 1994 дар асоси интихоботи президентӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки тахти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари азизамон - Тоҷикистон мавқеи хешро дар сиёсати байналмилалӣ ва ҳалли мушкилоти сайёра мустаҳкам сохта, доираи ҳамкориҳоро бо давлатҳои гуногуни ҷаҳон фарохтар намуда, бо назардошти манофеи миллӣ, тавозуни муносибатҳо ва манфиатҳояшро таъмин кард. Ин аст, ки мардуми кишвар ифтихор доранд, ки дар саргаҳи ташаккули муваффақонаи давлатдории навинамон, маҳз шахсият ва талошҳои Ҷаноби Олӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ба шарофати иродаи ҷиддӣ ва мавқеъгирии устуворонаашон сулҳу ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, пешравию шукуфоӣ барқарор ва ягонагии Тоҷикистони соҳибистиқлол таъмин карда шуд. Ҳамчунин, бо баргузории рӯзи оғози Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавъам омадани ин санаи фархунда басо рамзист, зеро дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ Сарвари давлат қадамҳои нахустинро дар сиёсат гузошта, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарории сохти конститутсионӣ, ба даст омадани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, барои рушди сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва таърихию фарҳангии Тоҷикистон хизматҳои бузург анҷом доданд.

Имрӯз баҳои баландтарин ба фарзанди фарзонаи миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сазовор шудан ба боварии халқ, маъво гирифтан ба дили вай аст, ки хушбахтона ин ба Пешвои маҳбубамон пурра насиб гаштааст. Маҳз, бо назардошти хизматҳои шоиста баҳри эҳёи давлати тоҷикон, саҳми бузургаш он дар барқарор кардани сулҳ, сарҷамъ кардани миллати тоҷик ва ваҳдати мардум ба фарзанди фарзонаи халқи тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дода шудааст. Воқеан ҳам, мояи ифтихори мо - кормандони мақомоти судӣ мебошад, ки имсол ҳаштсолагии Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо як шукӯҳу шаҳомати хос дар кишвари азизамон мутантан таҷлил менамоем.

Хулоса, дар ин рӯзи барои миллати тоҷик ва ҳар як сокини мамлакат хотирмону таърихӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиҳату саломатӣ, умри дароз ва дар амалӣ намудани ниятҳои неки созанда тамоми хушиҳои оламро орзу менамоям.

**Зуҳуриддин АСРОРЗОДА, сардори Раёсати ташкили кори судҳо, ҷамъбасти амалияи судӣ ва баррасии муроҷиатҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Боиси фараҳу нишот аст, ки ҳар сол мардуми тоҷик бо ифтихору сарбаландӣ Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар мамлакат ба номи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванд дорад, таҷлил менамоянд. Маҳз, ба азму талош ва ранҷу заҳматҳои хастанопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин сарзамин хурраму обод гашт. Фарзонамарди миллат чун фариштаи осмонӣ ба замин фуруд омада, барои халқи ҷафодидаю азияткашидаи хеш сулҳ оварда, рӯзи нек фароҳам сохта, давлат бунёд кард ва ободию бунёдкориҳо намуд.**

# САРВАРИ ДИЛСӮЗУ АДОЛАТХОҲ

Насли синну солашон ба ҷое расида то ҳанӯз он солҳои сангину душвор, он айёми пур аз ҳаводиси нангину даҳшатборро ба гӯшаи фаромӯшӣ набурдаанд. Он замон боди наҳсе вазида, фарзандони як миллат, мардуми як меҳан ва ҷигаргӯшаҳои як падару модарро зидди ҳам барангехт, ки ҳамагон хуб дар хотир доранд.

Он айём мухолифин дар шаҳру навоҳии Қӯрғонтеппа муҷаҳҳаз бо яроқу аслиҳа, таҳдиду зӯровариҳо карда, зидди қувваҳои ҳукуматӣ муқобилияти сахт нишон медоданд ва ҳар рӯз чандин нафар одамони бегуноҳ аз ҳисоби ҷавонон, ки барои ҳифзи Ватан, ҳимояи ҳукумати қонунию конститутсионӣ, нангу номуси миллат бархоста буданд, гурӯҳҳои мухолифин онҳоро асир гирифта, бо ранҷу азияти бераҳмона ба қатл мерасониданд. Мардуми бегуноҳи он минтақаҳо ба душвориҳои ниҳоят вазнин мувоҷеҳ гашта, аз ғояти қаҳтию гуруснагӣ зумрае аз кӯдакону беморон ва пиронсолон ҷон мебохтанд, дар баъзе аз хонадон донаи ҷуворимаккаю ҷорӯб, ҷаву кунҷолаю баъзе навъи зироатҳои донагиро орд карда, нон пухта мехӯрданд, ки дар натиҷа ба бемориҳои гуногун мубтало гардиданд.

Он айём нафаре лозим буд, ки худро миёни оташи ҷангу низоъ афканда, ба ин нобасомонию ноадолатиҳо хотима бахшад ва ин ҷавонмарди ғаюру ҷонфидо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд. Фарзанди фарзонамарди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он қавлу ваъдаҳояшон, ки аз минбари баланди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода буданд, куллан вафо намуданд. Яъне, бо кӯшишу талошҳои ҷасуронаю оқилонаи Пешвои миллат, хиради азалии мардуми тоҷик ва далерию қаҳрамонии даҳҳо ҳазор нафар фарзандони ҷоннисору шуҷои миллат дар як муддати хеле кӯтоҳ ҷанги дохилии таҳмилӣ дар ҷумҳурии мо хотима ёфт. Барои хомӯш сохтани оташи ҷанг, барқарор сохтани сулҳу салоҳ, баргардонидани гурезагон, пойдории ваҳдати миллӣ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ қабл аз ҳама, Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саъю кӯшиши зиёд ба харҷ доданд.

Пешвои миллат дар роҳи бунёди ҷомеаи воқеан ҳам, мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошта, кишварамон соҳиби Парчами давлатӣ, Нишон ва Суруди Миллӣ гардид. Бо шарофати заҳмату кӯшишҳои фарзонамарди миллат пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдорӣ мустаҳкам гардида, рушду тараққӣ намуд. Маҳз, бо заҳматҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 - уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ба имзо расид.

Тоҷикистон ба узвияти ташкилоту созмонҳои бузургу бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд. Бо ташаббусу ибтикороти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият барқарор гашта, махсусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз нав таъсис ёфта, баҳри эъмори ҷомеаи навини мамлакат заминаи устувору боэътимод гузошта шуд. Дар кишвар ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ гардонида шуда, бо аксари давлатҳои тараққикардаи дунё алоқаю робитаҳои иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ барқарор гардид. Туфайли тадбирҳои оқилонаю хирадмандонаи фарзонамарди миллат кулли он вайронаю харобкориҳо бартараф гардида, иморату иншооти беназир, неругоҳҳо, нақбҳои азим, шоҳроҳҳои бузург ба вуҷуд омаданд ва барои ба ҳам пайвастани тамоми гӯшаю канори мамлакат ба кишварҳои хориҷӣ шоҳроҳҳои муосири мошингард сохта шуданд. Ин аст, ки хидматҳои шоистаю арзандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пурра эътироф гардиданд ва Роҳбари давлат бо унвону нишонҳои олии ватанӣ, ташкилоту созмонҳои гуногун ва давлатҳои мухталифи дунё сарфароз гардиданд.

Имрӯз дар кишвари азизамон - Тоҷикистон сулҳу оромӣ барқарор аст ва мо аз пойдории сулҳу субот бояд шукрона кунем.

Заҳмату хизматҳои арзандаю шоистаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон набояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш шавад, балки аз он ҳамеша ифтихор намуд ва ёдовар шуда, онро ба насли ояндаи миллат ҳамаҷониба ташвиқу тарғиб намоем.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# АГАР ХОМӮШ БИНШИНАМ, ГУНОҲ АСТ

**Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ фармудаанд:**

**Чу коре бе фузули ман бароад,**
**Маро дар вай сухан гуфтан нашояд.**
**В-агар бинам, ки нобинову чоҳ аст,**
**Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст.**

Чун ба воқеа ва фоҷиаҳои олам назар меафканам, шукрона мекунам, ки дар сарзамини тоҷикон сулҳу оромӣ ҳукмфармост. Шукрона мекунам, Худованд барои миллати заҷрдидаи мо Сарвари давлатеро насиб гардонд, ки тамоми мушкилотро ба дӯши хеш гирифта, танҳо барои таъмини зиндагии шоистаи миллати хеш заҳмат мекашад. Ҷавонмарде, ки ҳастиашро вақфи хизмати мардум намудааст.

Мою шумо ба пуштманзари зиндагии хеш бояд ҳар шаб аз оинаи дил назар афканем, бурдубохти миллатро дар тарозуи ақл баркашем ва сар ба рӯи даст бигзорему андешем, ки барои ҳифзи ин ҳама дастовардҳо бояд чӣ корҳоеро ба анҷом расонем.

Вожаи Ватан барои инсон ҳамрадифи вожаи Модар азизу муқаддас бояд бошад. Ватан низ модар аст, ки баъди ба дунё омадани тифл ӯро ба оғӯш мегирад ва агар модар як ё ду сол ба инсон шир диҳад, Ватан то охири умр ӯро меҳрӯронаду мепӯшонад.

Шоири маъруф Рустами Ваҳҳоб дар як шеъраш гуфтааст:

**На сар гуфтам, на по гуфтам,**
**на ҷон гуфтам, на тан гуфтам,**
**Ватан гуфтам, Ватан гуфтам,**
**Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.**
**Ҳазорон бор «мо» гуфтам,**
**касе ҳамдил нашуд аммо,**
**Ҷаҳоне зидди ман шӯрид,**
**агар як бор «ман» гуфтам.**

Агар ба маънии ин байтҳо сарсарӣ назар афканем, гумон мекунем, нафаре аз рӯзгори хеш қисса мекунад, вале чун ба пуштманзари он нигарем, мебинем, ки дар байти дувум сухан аз забони мамлакати ҷавону соҳибистиқлоли мо меравад. Маҳз Тоҷикистони азиз ҳамеша «мо» буд, яъне ҳеҷ гоҳ худро аз мардуми олам ҷудо накард ва акнун, ки аз номи мардуми кишвар «ман» мегӯяд, душманони миллати тоҷик ба ғазаб меоянд. Онҳо хоҳиш надоранд, ки Тоҷикистон як давлати озод ва мустақил бошад. Ҳамин аст, ки аз «ман»-и мо ҳарос доранд ва талош мекунанд, ки озодии онро маҳв кунанд.

Агар ба таърих назар афканем, мебинем, ки мардуми ватандӯст ҳар куҷо буданд, танҳо бо ёди Ватан буданд. Шунидам, ки ҳангоми ҷонсупорӣ шоҳидон охирин ҳарфҳое, ки аз забони шоири бузурги тоҷик Камоли Хуҷандӣ шунидаанд, чунин будааст: «Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб». Ҳол он ки шаҳри Табрез Ватани дувуми шоир буду фарзандон, шогирдон ва дӯстонаш дар он шаҳр иқомат мекарданд.

Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик вақти ҳиҷрат аз Ватан як каф хок бардошт ва номае навишт, ки онро айнан пешкаш менамоем:

«Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст!»

Мо бояд аз Ватан даъвое надошта бошем. Ҳамин кофист, ки ин Ватани бузург вуҷуд дорад. Яъне, соҳибватан ҳастем. Магар аз ин дида бахти бузург ҳаст?

Дар боло гуфтем, ки шукронаи Пешвои миллатро мекунем. Ба хотири равшантар гардидани мақсад аз шукргузорӣ мехостам андешаҳоямро ин ҷо иброз намоям.

Мо бояд хуб дарк кунем, ки ин зиндагии пур аз саодат ва ин кишвари орому осуда барои мо осон муяссар нашудааст. Заҳмату ҷонфидоиҳои мардест, ки ба хотири Ватан ва миллат на шаб хуфта асту на рӯз ором гирифтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд чунин шароити хубро фароҳам оранд. Сулҳу оромиро дар мамлакат пойдор гардонида, дӯстию бародариро байни сокинони мамлакат мустаҳкам намояд. Ба қадри заҳматҳои ӯ расидан вазифаи тамоми мардуми Тоҷикистон аст.

Зиндагиномаи Президенти мамлакат, фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи мактаби беҳтарин барои онҳоест, ки мехоҳанд ба халқу Ватан хизмате карда бошанд. Ин Абармард аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ ба як кишваре, ки маҳз, дар асоси пешниҳодҳои оқилонаи вай сохта шудааст, нишон дода тавонистанд, ки инсони соҳибдил ба кадом корҳо қодир аст. Ибтидо миллати пора-пораро ба ҳам оварданд. Бунёди дӯстии мардумро поя гузоштанд. Вайронаро чаманистон карданду хористонро гулистон. Арӯсони бебахтро падар шуду ятимони бекасро соҳиб. Пирони мафлукро даст гирифта, маъюбони дилшикастаро ба зиндагӣ дилгарм намуданд. Ҳар бор, ки аз пешонаи ятиме падарвор мебӯсанд, он тифл бепарастории худро фаромӯш менамояд. Шаҳрҳои бузург бунёд намуданд. Роҳҳое сохтанд, ки пайвандгари дилҳо шуд. Билохира, баъди кашидани ин ҳама ранҷ, дар қалби он одамоне, ки ин хоку об ва ин диёри биҳиштосоро дӯст медоранд, ба қадри заҳматҳо, ба қадри шабзиндадории ӯ мерасанд, нангу ор доранд, қасрҳо сохтанд. Яъне, макони вай дигар дар рӯйи замин нест, балки дар қалби поки инсони поксиришт аст. Ҳеҷ беватане, мунофиқе, ҳасуду кинаваре наметавонад ӯро аз ин макон берун кунад, номашро аз лавҳи хотири наслҳои ҳазорсолаи баъдӣ бизудояд. Тоҷикистонро ӯ машҳури олам гардонид.

Ба қавли шоири бузурги асри XIX Тошхоҷаи Асирии Хуҷандӣ:

**Одамият чист? Худро дур**
**аз шарр доштан,**
**Хайрхоҳи халқ будан,**
**нафъи безар доштан.**

Солҳои навадуми асри гузашта Тоҷикистон, баъд аз соҳибистиқлолӣ ба фоҷиаи бузург гирифтор шуд. Маҳз, дар чунин шароити душвор, хушбахтона, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сари қудрат омаданд.



Агар номбурда ғами мардумро намехӯрданд, агар барои якпорчагии Тоҷикистон талош намекарданд, бешубҳа, он бесарусомониҳо то дер давом мекарданд. Ин ҷавонмарди шариф коре карданд, ки имрӯз ҷаҳониён аз мактаби сулҳофариниаш, мактаби созандагию ободкориаш дарси ибрат мегиранд.

Бунёди НБО «Роғун» агар ба саҳифаҳои таърих назар афканем, ҳанӯз солҳои ҳаштодуми асри XX тарҳрезӣ шуда буд ва ҳамон солҳо қисме аз корҳо ба анҷом расонида шуданд. Мутаассифона, боду борон ва обхезиҳо он корҳои анҷомдодаро хароб карда буд. Касе бовар надошт, ки дигар давлатмардони кишвар барои бунёди ин сохтмони бузурги аср машғул мешаванд. Замони соҳибистиқлолии кишвар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарк карданд, ки бе бунёди ин коргоҳи бузурги барқӣ Тоҷикистон наметавонад аз бунбасти мушкилот раҳоӣ ёбад ва пеши худ мақсад гузошт, ки бояд неругоҳ сохта шавад. Баробари баёни матлаб сафи душманони мардуми Тоҷикистон афзуд. Аз дохилу хориҷи кишвар садоҳо баланд шуданд. Баъзеҳо бо тамасхӯр сухан гуфтанд ва бунёди НБО «Роғун»-ро ҷуз сароб надонистанд. Мубориза байни хайру шарр оғоз шуд. Қувваҳо нобаробар буданд, аммо муҳаббат ба Ватан ва садоқат ба миллат ба Пешвои миллат зӯру тавон дод. Дар муқобили он қувваҳои муқтадир тавонистанд бо ақлу заковат ва матонату ҷасорат ба орзуи чандинсолаи тоҷикон ҷомаи амал пӯшонид. Ҳамин номусу ҷавонмардӣ, садоқат ба халқу Ватан буд, ки хайр ба шарр ғолиб омад. Баъд аз сиву шаш сол Вахш маҷрояшро дигар кард…

Аз он шукрона ва ифтихор мекунам, ки қатори зиёиёни кишвар дар ин чорабинии муҳим ширкат доштам. Он лаҳза, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паси чанбари булдозер нишаст, дар чашмони ҳозирин ашки шодиро дидам. Лаҳзае, ки булдозер бо як маром сангу хокро ба дарё тела медод, садои аҳсант аз ҳар ҷониб баланд мешуд. Онҳо бовар карданд, ки Сарвари давлат барои таъмини зиндагии шоистаи мардуми Тоҷикистон ба иҷрои ҳар кори душвор омодаанд. Бо ин рафторашон исбот карданд, ки метавонем якҷо тамоми мушкилотро аз байн барем ва кишварамонро ба гулистони ҳақиқӣ табдил диҳем. Сарвари давлат дар он соат сабақи ватандорӣ ва нангу номусро мегуфт.

Ҷои таассуф аст, ки насли калонсол дар суҳбатҳо ба ҷавонон ҳақиқати ҳолро намефаҳмонанд. Дар бораи ормонҳои ҳазорсолаи ниёкон, дастовардҳои давронӣ соҳибистиқлолӣ бештар намегӯянд. Ҳамин аст, ки бархе аз ҷавонони ноогоҳ дар ғурбат зуд ба доми фиреби душманони миллати тоҷик ва душманони башар меафтанд ва на танҳо ба ҷони ҷавони худ ҷабр мекунанд, балки барои хешу ақрабо бадбахтию бадномӣ меоранд.

Шумо хуб медонед, ки низоми давлат ба инсоф ва адолати шахси аввал иртиботи қавӣ дорад. Агар сарвар одилу боинсоф бошад, ҷомеа рӯ ба рушд меорад. Мою шумо шоҳиди одилию боинсофии Пешвои миллат ҳастем.

Мақсад аз мисолҳои оварда он аст, ки бояд дар дили ҳар як нафари соҳибнанг ишқи Ватан - Модар ҷой дошта бошад ва кӯшад, ки дар роҳи ҳимояи Ватан як лаҳза ҳам дар ғафлат намонад. Ватанро дӯст дораду барои шукуфоии он талош варзад. Мо насли калонсол дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон фориғболӣ накунем. Онҳоро дар мактаби маънавии Пешвои миллат обутоб диҳем. Чун Тоҷикистони азиз имрӯз рӯ ба рушду нумӯст, вазифаи мост, ки пайи ободӣ ва ҳифзи марзу буми худ саъй кунем. Дуо кунем, ки Пешвои миллат сиҳату саломат ва неруманд бошад ва чун чароғи ҳидоят роҳи моро барои ояндаи дурахшон мунаввар гардонад.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# ҲОКИМИЯТИ ПРЕЗИДЕНТӢ - ЗАМИНАИ РУШДИ ДАВЛАТДОРӢ

**Соли 2016 бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» 16-уми ноябр Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки рамзи давлатдорӣ, арҷгузорӣ ба ҳокимияти президентӣ аст. Дар давлатҳое, ки нақши президент бисёр барҷаста аст, Рӯзи Президентро ҷашн мегиранд. Масалан, ба хотири Президенти якуми Америка Ҷорҷ Вашингтон аз соли 1885 дар он ҷо Рӯзи Президент ҷашн гирифта мешавад. Дар дигар давлатҳо низ Рӯзи Президент ҳамчун ид муайян шудааст ва ҷашн гирифта мешавад, ки рамзи ҳокимияти президентӣ ва яке аз анъанаҳои давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.**

Дар кишвари мо ҳафт сол боз Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад. 16-уми ноябр муайян шудани Рӯзи Президенти Тоҷикистон бесабаб нест. Ин як санаест, ки гардиши куллиро дар таърихи навини давлатдории тоҷикон ба вуҷуд овардааст. Соли 1992 дар ҳамин рӯз дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ карда буд, ки натиҷааш ба халқи кишвар маълум аст. Маҳз, баъд аз баргузории иҷлосияи мазкур ҳукумати конститутсионӣ барқарор шуд ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимоми давлатдориро ба даст гирифта, сулҳу амният ва рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин карданд, аммо Рӯзи Президент муайян шудани 16-уми ноябр ба ҳодисаи дигари таърихӣ - савганд ёд кардан ва соли 1994 ба фаъолият шурӯъ намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагӣ дорад.

6-уми ноябри соли 1994 дар кишвар раъйпурсии умумихалқӣ барои қабули Конститутсия, ҳамзамон интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Дар ин давра Конститутсияи Тоҷикистон қабул шуда, роҳи минбаъдаи кишвар аз рӯйи меъёрҳои қонуни асосии нав сурат мегирифт. Дар Конститутсия меъёрҳои муҳимтарини барои як давлати соҳибихтиёр зарурӣ муайян карда шуданд. Аз ҷумла, шакли идоракунии давлат президентӣ эълон шуд. Шояд дар он давраи ҳассос ворид кардани ин меъёр ба Конститутсия осон ба даст наомада бошад, аммо гузашти вақт собит кард, ки халқи Тоҷикистон хато накардааст, зеро коршиносон дар шароити имрӯза беҳтарин шакли идораро президентӣ медонанд. Институти президентӣ яке аз ниҳодҳои асосӣ ва муҳими давлатдорӣ буда, Президент дар низоми давлатдорӣ шахси мансабдори олӣ, Сарвари давлат аст ва қарорҳоро қабул карда метавонад.

Ба боварии коршиносон институти президентӣ як низоми мутамарказ, ягона, мураттабшуда ва сариштаёфта аст. Барои ҳал кардани масъалаҳое, ки фавриятро талаб мекунанд, низоми президентӣ беҳтар мебошад. Гузашти 30 сол бартарияти низоми президентиро аз ду ҷиҳат нишон дод - идора кардани давлат ва аз он ҷиҳат, ки Президент шахси алоҳида ва ягона аст ва қарорҳоро қабул карда метавонад.

Ба боварии соҳибназарон, яке аз заминаҳои мустаҳками рушди давлатдории мо дар давоми 30 сол ниҳоди президентӣ аст. Яъне, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд, ки давлатдории навинро ташкил кунанд. Президент аз салоҳиятҳояшон хуб истифода бурда, ҳамаи рукнҳои давлатдориро ба вуҷуд оварданд. Барои расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ институти президентӣ нақши созгор гузоштааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳам Сарвари давлат ва ҳам Сарвари тамоми зинаҳои мақомоти иҷроия аст. Яъне, идоракунандаи тамоми низоми давлатдорӣ мебошад. Бо истифода аз салоҳиятҳои худ тамоми ин низом бо сарварии Президент кор мекунад. Дар баробари ин, мо бояд фаромӯш накунем, ки тамоми муваффақиятҳои як давлат аз кору пайкори Президент вобастагии калон дорад. Дар таърих ҳодисаҳои зиёде ба вуқӯъ пайвастаанд, ки бинобар камранг будани шахсияти роҳбарон давлатҳо ба фалокатҳо рӯ ба рӯ шудаанд, аммо ба бахти миллати тоҷик сарварии давлати мо ба касе вобаста шудааст, ки як кишварро аз хатари нестшавӣ наҷот дода, ба як давлати ободу осуда ва шукуфон табдил додааст.

Воқеан, гузашти сӣ сол нишон дод, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми ҳастияшонро барои халқи тоҷик ва кишвари Тоҷикистон бахшиданд. Натиҷаи фаъолияти пурсамар, маҳорати баланди роҳбарӣ ва ҷасорати Пешвои миллат моро чун миллати соҳибтамаддун ба оламиён муаррифӣ кард. Аз ин ҷост, ки аксари коршиносон бар ин назаранд, ки агар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барвақттар Роҳбари давлат интихоб мешуданд, шояд кишвар гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ намешуд.

Бо вуҷуди ин, дар як муддати кӯтоҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд, ки вазъиятро дар кишвар ба эътидол оварда, сулҳу оромии комилро таъмин намоянд. Халқи Тоҷикистон ҳанӯз замони депутати Шӯрои Олӣ будан ва суханрониҳояшон дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ба он кас эътимод карданд ва умед доштанд, ки чунин шахсият метавонад моро аз вартаи ҳалокат берун оварад. Хусусан, вақте гуфтанд: «то вақте ҳастам, кӯшиш мекунам, ки ба ҳар як хонадон сулҳ биорам», инчунин, «мо аз роҳи давлати демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоӣ намегардем», мардум хуб қабул карданд ва ба сулҳу ваҳдат ва ободиҳои зиёде ноил шудем, ки ҳамаи ин хизматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Ҷуръат, касбият, қавииродагӣ, принсипнокӣ ва дигар хислатҳои он кас имкон дод, ки дар зарфи зиёда аз сӣ сол ба ҳамин натиҷаҳо расем.

Имрӯз халқи кишвари маҳбубамон дар фазои сулҳу оромии комил зиндагӣ доранд ва шукргузор аз ободию озодии Тоҷикистони азиз ва Роҳбари хирадманди он пайи амалӣ намудани корҳои бузурганд. Натиҷаи сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки кишвари мо ба арсаи созандагӣ табдил ёфтааст. Имрӯз дар тамоми гӯшаю канори кишвар созандагию бунёдкорӣ бо суръати баланд ҷараён дорад. Он рӯз дур нест, ки дар партави сиёсати Президенти маҳбубамон кишвари мо ба яке аз давлатҳои пешрафтаи дунё табдил ёбад.

**Алишер РАҲИМЗОДА,**
**ёрдамчии калони прокурори назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқшиноси дараҷаи 2**

**ОБУНА - 2024**

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА **196 СОМОНӢ** МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238- 53- 71, 238- 53- 49, 238- 54- 57.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418771 | Беморхонаи марказии ноҳияи Нуробод | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 04.12.2023 15:15:09 |
| 2 | 418772 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, ҷузвдон, гилем, ҷом ва футболка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 04.12.2023 15:30:24 |
| 3 | 418773 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири маҷлисгоҳи Дастгоҳи марказии кумита | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.12.2023 15:40:00 |
| 4 | 418775 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хизматрасониҳои нақлиётӣ барои 137 нафар дар самти шаҳри Хуҷанд - Душанбе - Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 04.12.2023 16:45:00 |
| 5 | 418774 | Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе | Кондитсионер, барномаи зиддивирусӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 04.12.2023 16:45:19 |
| 6 | 418776 | Ташкилоти ҷамъиятии «Солимӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Маводи канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 04.12.2023 16:50:00 |
| 7 | 418777 | Раёсати маорифи вилояти Суғд | Хӯрокворӣ, гули садбарг ва матои баннерии сафед | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 04.12.2023 17:25:00 |
| 8 | 418778 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 64 | 04.12.2023 17:45:00 |
| 9 | 418779 | Маркази саратоншиносии вилояти Суғд | Маводи хоҷагидорӣ, масолеҳи сохтмонӣ, маводи сантехникӣ, лавозимоти ошхона, маводи канселярӣ, лавозимот ва таҷҳизоти барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 175 | 04.12.2023 18:40:00 |
| 10 | 418780 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Кабели баландшиддат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.12.2023 09:00:00 |
| 11 | 418781 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Литсензияи нави антивирус | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.12.2023 09:30:00 |
| 12 | 418782 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Бензин, гази моеъ, сӯзишвории дизелӣ ва равғани муҳаррик | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 05.12.2023 11:05:05 |
| 13 | 418783 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №14-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 05.12.2023 11:05:05 |
| 14 | 418784 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №6»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 05.12.2023 11:05:05 |
| 15 | 418785 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот барои назорати видеоӣ ва коммуникатсионӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 05.12.2023 11:30:00 |
| 16 | 418789 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 05.12.2023 14:40:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪЛОН!

Корманди Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин Дайвэн Чэн автомашинаи сабукрави тамғаи «Тайота королла», соли бороriш - соли 2018, рақами бақайдгирӣ - E0924Z01,VIN - NMTBF9JE GOR014700-ро бо арзиши 4000 (чор ҳазор) доллари ИМА 17-уми ноябри соли 2023 ба фурӯш мебарорад.

Телефон барои маълумот:
**938 - 88 - 04 - 14.**

## ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба шаҳрванд Бахибекова Зухро Сайдуллоевна, санаи таваллудаш - 11-уми июли соли 1976, миллаташ -тоҷик, сокини ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷамоати деҳоти Калинин, деҳаи Калинин пешниҳод менамояд, ки ба суд ҳозир шавад ё аз ҷои зисти худ хабар диҳад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Бахибекова Зухро Сайдуллоевна маълумоте доранд, хоҳишмандем ба Суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ хабар диҳанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи гумшудаи мубодилаи квартира бо квартираи нави сохташаванда бо силсилаи ДШ №0846550 таҳти феҳрасти №1Ш-955, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 24-уми июли соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 50/51, ҳуҷраи 56 ба Ҳамидов Шодихон Ҷурахонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидорӣ таҳти №7019, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Корхонаи фаръии байниноҳиявии бақайдгирии техникии шаҳри Душанбе бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 109, ҳуҷраи 5 ба Раҳматуллоев Муртазо додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилнома (ордер) - и гумшудаи №840, ки онро Ҳукумати шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 109, ҳуҷраи 5 ба Раҳматуллоев Муртазо додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродӣ бо РМА 025222238 ва РЯМ 0230048363, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ 18-уми июли соли 2014 ба Раҳматов Муким Каримович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШМД Навобод ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Чортути поён, хонаи 17 ба Ахматова Ирина Геннадьевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникӣ, ки онро КДФ «БММҒ» - и шаҳри Душанбе 1-уми сентябри соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мастонгулов 98 ба Ҳошимова Сара додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ бо силсилаи ДШ №0322212 таҳти феҳрасти №1Ш-172, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомони шаҳри Душанбе 15-уми феврали соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи М.Қурбонов, бинои 25/1, ҳуҷраи 11 ба Хайдаров Рахим Нугманович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии таҳти №1882-13586, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи М.Қурбонов, хонаи 25/1, ҳуҷраи 11 ба Хайдаров Рахим Нугманович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда бо силсилаи №0198643, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии шаҳри Турсунзода соли 2019 ба Комилов Бахтовар Ҳабибуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ таҳти №3457, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 26-уми июни соли 1993 бо суроғаи шаҳри Норак, кӯчаи Калижнюк, бинои 3, хонаи 28 ба Попова Наталья додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи гумшудаи хонаи истиқоматӣ таҳти № 674, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Норак 6-уми июли соли 1994 бо суроғаи шаҳри Норак, кӯчаи Калижнюк, бинои 3, ҳуҷраи 28 ба Попова Наталья додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи хизматӣ бо силсилаи РТ №010359, ки онро Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми августи соли 2023 ба Воҳидов Хайриддин Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, бинои 104, ҳуҷраи 55 ба Манучеҳр Нурализода додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи Юсуф Вафо, бинои 79, ҳуҷраи 102 ба Раҳмихудоева Тахмина додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Ваҳдат бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати шаҳраки Н. Розиқ, кӯчаи Зайнабибӣ, ҳавлии 99 ба Норбошов Мирзоназар Қурбонович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи дараҷаи А №0117449 таҳти №896, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Данғара 29-уми январи соли 2006 ба Хоҷагии деҳқонии (фермери)-и «Бунёди Ганҷ» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи дараҷаи А № 0220620 таҳти № 1422, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Данғара 29-уми январи соли 2010 ба Хоҷагии деҳқонии (фермери)-и «Бунёди Ганҷ» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0268790 бо РЯМ 0410041381, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7-уми марти соли 2023 ба ҶДММ «Кони Лаззат» додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Азиззода», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0232937 бо РМА 150004388, РЯМ 1510002185 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 18-уми феврали соли 2013 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Парвози баланд» (РЯМ 6010006393), ки 10-уми феврали соли 2022 дар Нозироти андози шаҳри Панҷакент ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Мудирияти назорати техникии сохташудаистодаи НБО «Сангтӯда-2», ки дорои РМА 010082739 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҳамаи давлатдорӣ ва волоияти қонун

**Садои мардум**

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супориш) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 ноябри соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ, Ш. Атобуллоев ва С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97